آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

5 ноябри соли 2022
Шанбе
№ 88 (14892)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


Нуқтаи назари депутат

## ИСЛОҲОТИ СОҲАИ ТИБ – БАРОИ ГИРОМИДОШТИ ИНСОН

**Саломатӣ ниёз ва хоҳиши аввалиндараҷаи инсон аст. Аз ин ҷо боиси солҳои охир ба ҳаёт татбиқ шудани ислоҳоти пайваста, ки ба рушди соҳа ва куллан ислоҳ намудани он нигаронда шудааст, низ дар ҳамин аст.**

Аз ҷумла, ҳаҷми маблағе, ки ба соҳаи тиб ҷудо мешавад, якбора зиёд шуда, танҳо дар соли 2022 аз ҳисоби буҷет ба соҳа 28 триллион сӯм ҷудо карда шудааст. Ин маблағ нисбат ба соли 2016-ум 4 маротиба зиёд аст.

Дар панҷсолаи гузашта маблағе, ки барои бо дору ва асбобу анҷоми тиббӣ таъмин намудани беморхонаҳо ва бунгоҳҳои ёрии таъҷилӣ ҷудо карда мешавад, 12 баробар афзуд. Дар ин муддат барои беҳбуди низоми тандурустӣ аз созмонҳои молии байналмилалӣ беш аз 700 миллион доллар ҷалб шудааст.

Сарвари давлатамон зимни сафарҳои худ ба минтақаҳо пайваста аз муассисаҳои тиббӣ боздид карда, бо табибону беморон мулоқот намуданро ба анъана табдил додааст.

Моҳи марти соли равон зимни нахустин мулоқоти ошкорои Сарвари давлат бо кормандони соҳаи тиб дар кишвар ҳафт самти муҳимро, ки ба аҳолӣ наздиктар гардондани хидматрасонии аввалияи тиббӣ, ривоҷ додани ёрии таъҷилии тиббӣ, беҳтар гардондани шароити муассисаҳои тиббӣ, аз ҷиҳати моддӣ ҳавасманд гардондани кормандони соҳа, бо кадрҳои соҳибихтисос таъмин намудани беморхонаҳо, баланд бардоштани маданияти тарзи ҳаёти солим дар ҷамъият ва пешгирии бемориҳо нигаронда шудаанд, муайян намуда буд.

Дар тӯли вақти гузашта як қатор меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба рушди соҳа хидмат мекунанд, қабул шуданд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини соҳаи тиб андешида шудани тадбирҳо оиди ба ҳар як хонадон ворид шудани хидматҳои ихтисосноки тиббӣ гардид.

Президентамон фаъолияти муассисаҳои тиббии Тошкандро аз наздик омӯхта, дар ҷамъомади видеоселекторӣ бахшида ба корҳое, ки дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ татбиқ мегарданд ва вазифаҳои устувори оянда оид ба рушди соҳа вазифаҳои дақиқро муайян намуд.

Воқеан ҳам, яке аз муҳимтарин вазифаҳои соҳаи тиб имрӯз он аст, ки хидматрасонии тиббии соҳибихтисос ба ҳар як хонадон роҳ ёбад. Аз ин ру, имсол 106 бунгоҳи нави духтурии оилавӣ ва поликлиника, дар 1000 маҳалла бунгоҳи тиббӣ ташкил карда шуд. Ба воситаи ин ба 3,5 миллион нафар одамон ёрии ибтидоии тиббӣ наздик карда шуданд.

Доруҳое, ки табибони оилавӣ ройгон тақсим мекунанд, аз 45 ба 70 намуд афзоиш ёфт. Инчунин, 820 муассисаи тиббии ибтидоӣ бо таҷҳизоти ултрасадо ва ЭКГ таъмин карда шуд. Дар поликлиникаҳои оилавӣ 19,5 ҳазор ҷои муолиҷа ташкил карда шуд. Натиҷаи ҳамин аст, ки 740 ҳазор нафар сокинон имконият пайдо карданд, дар маҳалла муолиҷа гиранд. Албатта, бесабаб ба самти ба аҳолӣ расондани хидмати ибтидоии тиббӣ ин қадар эътибор дода намешавад. Сабаб дар он аст, ки аз беш аз 25 000 пешниҳоде, ки дар мулоқоти ошкоро моҳи март изҳор гардиданд, 55 дарсади он ба фаъолияти муассисаҳои ибтидоии тиббӣ марбут буд.

Дар ҷамъомад ба вазифаҳое, ки бояд иҷро шаванд, таваҷҷуҳ дода, гуфта шуд, ки бояд самаранокии ислоҳоти оғозшуда ҷиҳати ба маҳалла овардани ҳалқаи ибтидоӣ баланд бардошта, дар 272 маҳалла, ки аз поликлиникаҳои оилавӣ дар масофаи 10 километр дур воқеъанд, бунгоҳҳои тиббӣ ташкил карда шаванд.

Барномаи «Табиби деҳа» бо назардошти зиёд будани эҳтиёҷот ба табибон дар бунгоҳҳои табибони оилавӣ ва поликлиникаҳои оилавӣ, ки дар ноҳияҳои дурдаст ҷойгиранд, қабул шудааст. Ба духтуроне, ки дар ин вилоятҳо кор кардан мехоҳанд, 30 миллион сӯм ҷудо карда мешавад ва имсол барои ин аз буҷа 20 миллиард сӯм ҷудо карда шудааст.

Дар доираи барномаи «Табиби деҳа» то имрӯз 191 нафар табибон дар маҳаллаҳои дурдаст ба кор шурӯъ кардаанд. Боз вазифаи сарпур кардани 171 ҷойи холӣ гузошта шуд. Супориш дода шуд, ки шумораи таваллудхонаҳо дар беморхонаҳо зиёд карда, кори дар ҷумҳурӣ барпо намудани 46 маркази байниноҳиявии перинатал тезонда шавад.

Умуман, дар натиҷаи бечунучаро иҷро намудани вазифаҳои аввалиндараҷае, ки дар маҷлис муайян карда шудаанд, сифати хидмати тиббие, ки ба аҳолӣ расонда мешавад, баланд мегардад. Аз ҳама муҳимаш ба розигии мардум ноил мегардем.

**Олтиной МАМИРОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Дар вилояти Сурхондарё бонувоне, ки ба соҳибкорӣ машғул шуда, дар ин соҳа сазовори эътироф гардидаанд, зиёданд. Маҳлиё Турдимуродова аз ҷумлаи онҳост. Ин соҳибкори ҷавон мактаби миёнаро дар ноҳияи Тирмиз хатм намуда, роҳи тиҷоратро интихоб кард. Аз душвориҳои аввали кор наҳаросид, рӯҳафтода нашуд. Маҳлиё баъди зиёд шудани дониш ва таҷрибаи корӣ соли 2021-ум корхонаи оилавии худро ташкил намуд.*

*Алҳол дар ноҳияи Тирмиз аксарият корхонаи «AISHA SHUKRONA MALAK»-ро хуб медонанд. Дар ин корхона, ки дар муддати кӯтоҳ ба назари ҷомеа афтод, занону духтароне, ки ба дафтарҳои иҷтимоӣ дохил шудаанд, кор мекунанд. Ҳоли ҳозир дар корхонаи мазкур, ки барои ташкилотҳои давлатӣ сарулибосҳои махсус тайёр мекунад, баҳри зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот чораҳо андешида мешаванд.*

***Дар сурат:*** *дар корхонаи «AISHA SHUKRONA MALAK»-и ноҳияи Тирмиз.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***



## САМАРҚАНД – ШАҲРИ САНЪАТ ВА ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ

**Дар Самарқанд аз 1 то 4 ноябр "Ҳафтаи байналмилалии туризми зиёратӣ" баргузор шуд. Ин чорабиниро Вазорати туризм ва мероси фарҳангӣ дар ҳамкорӣ бо ҳокимияти вилояти Самарқанд роҳандозӣ кард.**

Ноиби Нахуствазир, вазири туризм ва мероси фарҳангӣ Азиз Абдуҳакимов изҳор намуд, ки муҳимтарин бахши иқтисоди Ӯзбекистонро туризм ташкил мекунад. Ӯ ёдовар шуд, ки дар фарози ислоҳоти доманфарохи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев шароит фароҳам оварда шудааст ва он натиҷаҳои хуб ба бор меоварад.

Ба таъкиди ӯ дар давраи пандемия андак мушкилоту муаммоҳо рӯйи кор омаданд, вале пас аз пандемия ин соҳа боз рӯ ба рушду нумӯъ овардааст. Абдуҳакимов тазаккур дод, ки дар 9 моҳи соли ҷорӣ ба Ӯзбекистон беш аз 3 миллиону 600 ҳазор сайёҳ омадааст. Ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 се маротиба бештар мебошад.

– Имрӯз ҳукумат барои рушди сайёҳӣ корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонад. Дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ, вокзалҳо ва меҳмонхонаҳо барои сайёҳони мусалмон таҳоратхонаҳо, намозгоҳҳо ва ҷойҳои истироҳат ташкил менамоянд. Ҳоло дар Ӯзбекистон инфрасохтори сайёҳии зиёрат ривоҷ ёфтааст, меъёрҳои ҳалол барои сайёҳон ҷорӣ шудааст ва имрӯз ин тадбирҳо куллан натиҷаи мусбат медиҳанд. Кишвари мо дар гузориши ҷаҳонии сайёҳии исломӣ (GMTI) мавқеъи худро мустаҳкам кардаву дар радифи 9 кишвар қарор дорад, – қайд намуд вазир.

Маълум шуд, ки соли равон дар нишасти ҷаҳонии "Halal in Travel Awards" ба эҳё ва рушди бозори сайёҳии ҷаҳони ислом, ки дар Сингапур баргузор шудааст, Самарқанд дар бахши "Беҳтарин шаҳри рушдкунанда" ғолиб баромада, Шаҳри исломии сол эътироф гардидааст. Дар ҷаласаи 11-уми Шӯрои вазирони Созмони ҳамкории исломӣ дар шаҳри Боку шаҳри Хива Пойтахти сайёҳии ҷаҳони ислом дар соли 2024 эълон гардид.

– Дар ин замина давлат ва ширкатҳои хусусӣ дар шаҳри Хива барои рушди сайёҳӣ маблағгузорӣ карданд, меҳмонхонаҳои боҳашам сохта шуд, роҳҳои равон барпо гардид, ёдгориҳои таърихӣ барқарор карда шуданд. Раисҷумҳури Озарбойҷон Илҳом Алиев, раисҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раисҷумҳури Туркия Раҷаб Тойиб Эрдуғон ба ин шаҳри куҳан ташриф оварданд. Ба ин роҳбарони се давлат ёдгориҳои таърихиву меъморӣ ва фарҳангии Хива таассуроти хуб гузоштанд, – ёдовар шуд А. Абдуҳакимов.

Барномарезӣ шудааст, ки соли 2023 дар шаҳри Самарқанд Маҷмаъи умумии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ ҷаласаи навбатии худро баргузор мекунад.

Дар доираи "Ҳафтаи байналмилалии туризми зиёратӣ" дар Маркази илмӣ-пажӯҳишии Имом Бухорӣ зери унвони "Осиёи Марказӣ – маркази фарҳанги исломӣ" форум баргузор шуд, ки ду рӯз идома кард. Баъд конфронси илмӣ–амалӣ доир гардид, ки ба масъалаи "Такмили сохтори ҳифз ва пажӯҳиши дастхатҳо" бахшида шуд. Дар ин конфронс Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода иштирок кард.

Қарор аст чунин мавзӯъ ва масъалаҳои муҳим ва барои пешрафти илму фан зарур, ки инкишофи илму фарҳанг ва табодули таҷрибаро дар меҳвари худ қарор хоҳад дод, минбаъд низ бо иштироки олимону пажӯҳишгарони варзидаи кишварҳои минтақа роҳандозӣ шавад.

Ҷашнвораи "Сурудҳои дил" ба "Ҳафтаи байналмилалии туризми зиёратӣ" шукӯҳи тоза бахшид.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**
*САМАРҚАНД.*

**Имсол деҳқонони вилояти Самарқанд аз 72 ҳазору 951 гектар пахтазор беш аз 257,4 ҳазор тонна ашёи хом ҷамъоварӣ карда, дар ҷумҳурӣ аввалин шуда, ӯҳдадории шартномавиро иҷро намуданд.**

## ПАХТАКОРОНИ САМАРҚАНД МАРРАИ ЗАФАРРО ФАТҲ КАРДАНД

Дар мавсим беш аз 129 ҳазор нафар чинакчӣ ва зиёда аз 30 мошини пахтачинӣ иштирок кард. Агар дар соли 2021 дар вилоят аз ҳар гектар 32 сентнерӣ ҳосил гирифта бошанд, соли равон ин нишондиҳанда ба 35,3 сентнер расид. ҶММ «Samarqand-Ishtixon elita urugchilik xo`jaligi» ҳосилдории ҳар гектарро ба 44,8 сентнерӣ расонда бошад, ҶММ «Paxtachi elita urugchilik xo`jaligi» аз ҳар гектар 51,8-сентнерӣ ҳосил ҷамъоварӣ кард.

Кластер ва фермерони ноҳияҳои Каттақӯрғон ва Нарпай беш аз 39 ҳазор тонна ашёи хом гирифта бошанд, пахтакорони ноҳияи Пастдарғам беш аз 55,5 ҳазор тонна ҳосил ҷамъ оварданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

Фармони Президент – дар амал

## ПИСТАЗОР ДАР КӮҲСОР

**Рӯзи 11-уми октябри соли равон таҳти сарварии Президентамон ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид. Дар он масъалаи иҷрои ҳатмии лоиҳаи умуммиллии «Макони сабз» низ муҳокима гардид. Вазифа гузошта шуд, ки дар Ӯзбекистон тирамоҳ 75 миллион ва дар оғози баҳори оянда 125 миллион бех ниҳоли дарахтони мевадеҳ ва манзаравӣ шинонда шавад. Дар асоси таҷрибаи соли гузашта аз 20 октябр то 1 декабр тадбири «40 рӯзи зарбдор» эълон гардид.**

### Аз нек – боғ

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки барои ҷомаи амал пӯшидани ин иқдоми нек бояд ҳар корхона, ташкилот, муассиса ва шаҳрванди кишвар саҳми арзанда гузорад. Зеро бунёди боғу хиёбонҳо, майдонҳои сабз, инчунин, ободу зебо кардани минтақаҳои ватани азиз кори савоб асту анъанаи неки халқи мо. Ривояте ҳаст, он мефармояд, ки пирамарде машғули ниҳолшинонӣ буд. Шоҳзодаи кишвар, ҳангоми раҳгузар шудан ӯро диду луқма партофт, ки:

– Эй мӯйсафед, синнат ба ҷое расидааст, барои чӣ ниҳол сабз мекунӣ?

– Олампаноҳ, дигарон дарахт сабзонданд, мо хӯрдем, – мегӯяд боғбони пир, – акнун мо мекорем, то дигарон баҳра баранд.

Подшоҳ аз ин ҷавоб шод шуд ва ба хазинабон амр дод, ба пирамард мукофот диҳад.

– Ана, подшоҳи олам, дидед ва шоҳид шудед, – халтачаи тиллоро гирифта посух дод боғбон, – ниҳоли мо корида аллакай мева дод.

Ҳозирҷавобии мӯйсафед ба подшоҳ писанд омад ва ба хазинабон ишорат кард, вай боз як халтачаи тиллоро ба боғбон дод.

Подшоҳ фаҳмид, ки боғбон пирамарди зукко, донишманд аст ва фурсатро аз даст надода, ҳайратзада роҳашро идома дод.

Боиси хурсандист, ки дар байни мо низ шахсони фидокор, ташаббускор ва некандеш бисёранд, онҳо барои амалӣ гардидани тадбири «Макони сабз» саъй мекунанд. Яке аз чунин фидоиён, роҳбари ташкилоти ғайридавлатию ғайритиҷоратии «Самарқандро нигаҳдорӣ мекунем», журналисти табиатдӯст, ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Самаркандский вестник» Анастасия Павленко мебошад, ки дар рӯзи таваллуди боғбони машҳури собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, асосгузори селексияи илмии растаниҳои меваҷот ва зироатҳои дигар Иван Мичурин – 27-уми октябр дар мавзеи Дуобаи қаторкӯҳҳои Зарафшон, воқеъ дар деҳаи хушҳавои Оҳалики боло ҳашари ниҳолшиониро ба роҳ монд. Дар он ғайр аз намояндагони ин ташкилоти ташаббускор, талабаҳои Донишгоҳи байналхалқии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим»–и Самарқанд ва пажӯҳишгоҳи илмӣ–тадқиқотии хоҷагии ҷангал, ки бо парваришу омӯзиши хусусиятҳои дарахти писта машғул аст, ширкат варзиданд.

### Чаро лоиҳаи «Макони сабз» пурсамар аст?

Ҳоло дар тамоми дунё аз сабаби босуръат буридашудани бешазор ифлосшавии муҳити зист ва обу ҳаво мушоҳида мегардад. Он ба муаммои сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Тавре ки мутахассисон собит намуданд, барои бо ҳавои тоза қонеъ сохтани талаботи як шахс 27 дарахт лозим аст. Акнун тасаввур кунед, ки барои бо ҳавои тоза таъмин кардани аҳолии кишварҳое, ки миллион-миллион шаҳрванд доранд, чӣ қадар дарахт лозим мешавад.

Ин аст, ки сарвари кишвари мо дар ҳар як баромади худ ба масъалаи ҳифзи табиат ва бештар парвариш кардани дарахтҳои мевадеҳу манзаравӣ диққати махсус медиҳад.

«Бо орзую ҳавас ниҳолшинонӣ бояд ба маданияту одати халқ ва маҳаллаҳоямон табдил ёбад», таъкид кард сарвари давлат дар анҷумани видеоселекторӣ. Воқеан ниҳолшинонӣ, боғу хиёбонсозӣ, ободу фаровонии мамлакатро, бардавомии ҳаётро таъмин мекунад. Аз ҳама муҳимаш, дарахтҳо карбонатро фурӯ бурда, кислород истихроҷ мекунанд, ки барои мавҷудоти зинда хеле зарур аст. Боз як ҷиҳати фоидаовари рустаниҳо аз он иборат, ки онҳо обро сарфа ва хокро аз эрозия ҳимоя мекунанд.

### Писта ва хосияти он

Қабл аз он, ки ҳашарчиён ба кӯҳсор рафта, боғи нав бунёд намоянд, барои онҳо дар Донишгоҳи байналхалқии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим» суҳбати судманд ташкил гардид.

Ходими масъули Пажӯҳишгоҳи илмӣ–тадқиқотии хоҷагии ҷангали Тошканд Лазокат Азимова, ки солҳои тӯлонӣ бо парвариши дарахти писта машғул аст, маърӯза кард.

– Афсӯс, ки мо он неъмати бузургеро, ки табиат дар намуди писта додааст, қадр намекунем, – гуфт ӯ. – Ҳарчанд дар Ӯзбекистон шароит ва имконияти парвариши чунин рустании гаронбаҳо вуҷуд дорад. Масалан, дар шуъбаи такягоҳии Ғаллаороли вилояти Ҷиззах 30 намуди писта парвариш карда, мувофиқи талаби боғбонону фермерҳо ба тамоми минтақаҳои наздикӯҳии Ӯзбекистон ирсол мешавад. Аз ҷониби шабакаи экологии «Зов» дар ҳамкорӣ бо хазинаи CERF ба забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дастури махсус таҳия гардид, ки он ба хоҳишмандони парвариши писта тақсим карда шуд. Бояд гуфт, ки писта аз оилаи татумиҳо аст. Ҳосилаш дар моҳи август ва сентябр мепазад. Пистазорҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон табиӣ буда, асосан дар кӯҳсор месабзанд. Решаи он лағҷиши адиру ёнаҳои кӯҳсорро нигоҳ медорад. Дарахти писта баъди панҷ сол ба ҳосил даромада, 200-300 сол, баъзан бештар умр мебинад. Аз ҳама муҳимаш, ба бисёр бемориҳо шифо буда, дар бозори ҷаҳонӣ арзиши баланд дорад. Ҳатто дар бозорҳои Самарқанду Тошканд як килои писта ба нархи 100-140 ҳазор сӯм фурухта мешавад.

Замоне дар кӯҳсори вилояти Самарқанд дарахти писта бисёр буд, вале мардум онҳоро барои сӯзишворӣ бераҳмона буриданд. Як қисми дигарро чорво, алалхусус бузу гӯсфандҳо нобуд карданд.

### Ҳашари ҳаловатбахш

Баъди суҳбат бо олимону мутахассисони соҳа ҳашарчиён бо нақлиёт ба деҳаи хушҳавои Оҳалики болои ноҳияи Самарқанд раҳсипор шуданд. Дар байни онҳо донишҷӯён аз Русия, Эрон, Малайзия, Тоҷикистон, Бангладеш, Ҳиндустон, Белорусия ва дигар кишварҳои ҷаҳон низ буданд. Ташкилотчиёни ҳашар кӯшиш карданд, ки сафари онҳо ба кӯҳсор фоидабахшу хотирнишин бошад.

Баъди бунёди боғи дӯстӣ дар кӯҳсор базми хосса, сурудхонӣ ба забонҳои гуногун ба вуқӯъ пайваст. Ҳозирон аҳду паймон карданд, ки дар чорчӯбаи тадбири «Макони сабз» дар деҳаҳои Миронқул, Оқсой, Амонқӯтан, Сазаған ва дигар гӯшаву канори вилояти Самарқанд барои бунёди боғу хиёбонҳо иштирок хоҳанд кард.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

**2—4 ноябри соли ҷорӣ дар маҷмӯи «Узэкспомарказ»-и пойтахт Намоишгоҳ – ярмаркаи байналхалқии китоб – «Tashkent Book Fest – 2022» баргузор шуд. Чунин намоишгоҳ дар доираи стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав таҳти шиори «Миллати китобдӯст» бори сеюм гузаронида мешавад.**




# НАМОИШГОҲИ БЕҲТАРИНИ МАМЛАКАТАМОН БАРГУЗОР ШУД

Директори Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президент Асадҷон Хӯҷаев, роҳбари фраксияи ҳизби демократии Ӯзбекистон «Миллий тикланиш» Алишер Қодиров, роҳбари Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ Минҳоҷиддин Ҳоҷиматов, раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Сироҷиддин Саййид ба сухан баромада, оиди корҳои рушди сохтори матбаа ва табъу нашр гуфта гузаштанд.

Мақсади асосӣ аз баргузор намудани намоишгоҳ ба дараҷаи байналхалқӣ намоиш додани дастовардҳои соҳаи матбаа ва нашриёҳо, ба роҳ мондани ҳамкории чунин ташкилотҳо бо мутахассисони хориҷӣ, ба зинаи нави замонавӣ бардоштани соҳа ва пеш аз ҳама баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонон ба китобхонӣ мебошад.

– Инсон то имрӯз чӣ гуна дастовардҳоро дар соҳаи илму фан ва фарҳангу маданият ба даст оварда бошад, ҳамааш туфайли китоб мебошад, – гуфт М. Ҳоҷиматов. – Сабаби асосии задухӯрду номуросоиҳои иҷтимоӣ дур шудан аз китоб мебошад. Дар офаридани як китоб заҳмати чандинсолаи эҷодкор ва садҳо нафар ходимон ниҳон аст, аммо ғизои маънавие, ки аз он мерасад, барои ҳар як инсон басанда аст.

–Ҳоло мо гувоҳи намоишгоҳи хубтарини мамлакатамон шуда истодаем, – гуфт Сироҷиддин Саййид. – Китоб ба дили ҳар як фард рушанӣ андохта метавонад. Ҳоло замоне мебошад, ки дар рушди маънавияти инсон «маданияти оммавӣ» соя меафканад. Аслиҳаҳое ихтироъ мешаванд, ки барои несту нобуд кардани ҷаҳониён пешбинӣ шудааст. Ва чӣ хушнудиест, ки дар мамлакати мо китобхонии оммавӣ тарғибу ташвиқ мешаванд.

Дар доираи намоишгоҳ доир ба тарҷумаи китобҳои ӯзбекӣ ба забонҳои хориҷӣ ва баръакс, тарҷумаи асарҳои хориҷӣ ба забони давлатӣ шартномаҳо имзо гардид.

Дар намоишгоҳ – ярмарка мутахассисони соҳа аз Русия, Туркия, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Ҳиндустон, Англия, Беларус, Арманистон ва намояндагон аз ташкилотҳои савдои китоб ва хонаҳои табъу нашри хориҷӣ иштирок карданд.

Дар он беш аз 30 нашрияи хусусиву давлатӣ ва ташкилотҳои савдои китоби мамлакатамон низ иштирок карданд.

– То ин ҷашнвора ман ба Ӯзбекистон чандин маротиба омада будам, – гуфт президенти Иттифоқи китоби Русия Сергей Степашин. – Тошканд яке аз шаҳрҳои дӯстдоштаи ман аст. Солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон ин шаҳр чандин шоиру нависандагонро ба оғӯш гирифт. Чандин китобҳои хуб дар ин ҷо ба чоп расиданд. Ба назди симои бузурги Навоӣ сар фуруд меорем. Беҳтарин тарҷумаи ашъори Пушкин низ ба забони ӯзбекӣ мебошад. Чунин дастовардҳо аз таҳаммулпазириву дарёдилии мардуматон. Мо ба намоишгоҳ бо ҳайати вакилони зиёд омадем. Ҳар як шахс бо китоб ошноӣ бояд дошта бошад. Шахсе, ки ба даст китоб намегирад, барои ҷамъият хавфовар аст.

Дар доираи намоишгоҳ муаррифии китобҳо, вохӯриву суҳбатҳои мизи мудаввар бо намояндагони аҳли адаб баргузор шуд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*АЗ НЕК – БОҒ*

# БАРНОМАИ МИЛЛӢ – ДАР АМАЛ

***Маъракаи ниҳолшинонии «Чиҳилрӯзаи долузарб» тибқи Барномаи умумимиллии «Макони сабз» дар вилояти Ҷиззах муташаккилӣ касб мекунад.***

Кормандони Садорати экология ва ҳифзи муҳити зист чараёни корҳоро оид ба ниҳолшинонӣ ва парвариши минбаъдаи ниҳолҳо таҳти назорати худ гирифтаанд. Назар ба гуфти роҳбари хидмати ахбори садорат Замира Абдуллоева дар ҳар як маҳалла «Харитаи экологӣ» таҳия ва мураттаб гардидааст. Дар асоси он манзилҳоеро, ки ба кабудизоркунӣ мувофиқ мебошанд, муайян мекунанд. Ниҳолҳои манзаравӣ бештар дар атрофи роҳҳои калони мошингард, идораҳо, корхона ва ташкилотҳо шинонида мешаванд. Зеро мошинҳо аз худ карбонати ангидрид хориҷ мекунанд. Анбӯҳи дарахтон бошад, ин газҳоро ҷаббида мегирад ва аз худ оксиген хориҷ менамояд.

– Албатта, барои саривақт ва хушсифат ба анҷом расонидани корҳо омодакунии ниҳолҳо ҳам муҳим аст. Аз ин рӯ, ҳоло дар хоҷагии ниҳолпарварии «Пайванд нишонаси»-и ноҳияи Мирзочӯл қариб шаст ҳазор ниҳоли гуногун расонида дода мешавад. Хоҷагии бешаи вилоят низ манбаи асосии кӯчаттайёркунӣ ба шумор меравад, – гуфт Замира Абдуллоева.

Агар саросари кишвари офтобиамон тибқи дастур ва пешниҳодҳои сарвари давлат Шавкат Мирзиёев шинонидану бенуқс парвариш намудани 75 миллион бех ниҳоли гуногунро то охири соли 2022 ба нақша гирифта бошанд, аз ин шаш миллиону шашсад бехаш ба ҳудуди вилояти Ҷиззах рост меояд.

Дар атрофи роҳҳо, майдонҳои кишт бештар дарахтони тут, сафедор, бед, сада мешинонанд, ки ҳаворо аз чангу ғубор тоза нигоҳ медорад ва ҳам вазифаи иҳотакуниро дорад.

Тут, ток аз гармселу тафтбод заминҳои киштзорро ҳимоя мекунад.

Дар ҳудуди ноҳияи Зафаробод баробари шинонидани кӯчатҳо (то ҳозир 36 ҳазор бех ниҳол шинониданд) боз барои обёрикуниву парвариши он низ чораҳо меандешанд.

Дар саҳну ҳавлии мактабҳои маҳаллаҳои «Нарвон», «Нурак» ва «Эгизбулоқ»-и ноҳияи Фориш ҳазордонагӣ кӯчат шинониданд. Корҳои кабудизоркунӣ алҳол бо суръат идома доранд. Дарахтони чи манзаравӣ ва чи мевагӣ барои тозагии табиат, солимии инсон хеле зарур аст. Аз ҳама муҳимаш, барои наслҳои оянда мемонад. Охир беҳуда нагуфтаан: «аз нек – боғ».

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Хабарҳо аз Сурхондарё*

## ДАР НОҲИЯИ ТИРМИЗ БОЗОРИ АВТОМОБИЛ БУНЁД ЁФТ

***Маълум, ки вилояти Сурхондарё яке аз вилоятҳои ҳудудаш васеъ ба шумор меравад. Аз минтақаи ҷануб то шимол қариб 300 км бошад, аз шарқ то ғарб зиёда аз 150 км аст. То кунун дар чунин ҳудуди паҳновар танҳо дар ноҳияи Деҳнав як бозори хариду фурӯши автомобил вуҷуд дошт, ки он ҳам фақат рӯзи якшанбе фаъолият мекард ва шарту шароит ҳам ба таври бояду шояд дар он вуҷуд надошт.***

Ин бошад, барои мардуми корафтода мушкилот эҷод мекард. Ниҳоят, талабу дархости мардум ба инобат гирифта шуд. Дар ҳудуди маҳаллаи “Янгиобод”-и ноҳияи Тирмиз дар асоси лоиҳаи бузургҳаҷм, ки қиматаш ба 90 миллиард сӯм баробар аст, бозори автомобил ва маҷмӯи савдои қисмҳои эҳтиётӣ сохта ва ба истифода супурда мешавад. Бунёди ин лоиҳа зина ба зина ба анҷом расонида мешавад. Дар айни замон як қисми он, яъне “Termiz avto bozori” сохта ба истифода дода шуд ва дар он 50 нафар ба кор таъмин гардиданд.

Вақте ки маҷмӯи мазкур пурра бунёд гашта ба истифода дода мешавад, боз 450 нафар бо ҷойи кор таъмин мегарданд. Ҳоло аз тарафи ҶММ “Complex technical services” бунёди қисмҳои дигари лоиҳа бо суръат давом дорад.

## ПАРВАРИШИ МАҲСУЛОТИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ДАР ГАРМХОНАҲО

***Вилояти Сурхондарё ҳудуди гармтарини ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад ва дар он аксари маҳсулот бо қувваи гармии офтоби оламафрӯз парвариш меёбад. Новобаста ба ин деҳқонони соҳибкор, хоҷагиҳои деҳқон-фермерӣ ба бунёди гармхонаҳо эътибори зиёд медиҳанд. Аз ин рӯ, гармхонаҳои масоҳаташ бузург дар вилоят хеле бисёранд.***

Дар маҷмӯи гармхонаи ҶММ “Голд агро фреш”-и ноҳияи Тирмиз, ки 100 гектарро ташкил мекунад, зиёда аз 1500 нафар коргар кор мекунад ва соле 10 ҳазор тонна маҳсулоти хоҷагии қишлоқ истеҳсол менамояд. Помидор ва бодирингҳое, ки дар ин ҷо парвариш меёбанд, аз ҷиҳати сифат ҳам ба талаб ҷавобгӯ буда, дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ харидоргир мебошанд. Аз ин ҷиҳат ба хориҷ низ ба миқдори зиёд экспорт мешаванд.

Яке аз ҳамин гуна гармхонаҳо ҶММ “Сурхон ҷануб экспорт” мебошад, ки дар 10 гектар майдони он навъҳои серҳосил ва содиротбоби бодиринг парвариш карда мешавад. Дар гармхона зиёда аз 300 нафар бо навбат меҳнат мекунанд.

Баъд аз гузориши Раисҷумҳур бобати бо гази табиӣ мунтазам таъмин намудани гармхонаҳо баъзе муаммоҳои мавҷуда бартараф гардида истодаанд, ки аз ин соҳибкорон хеле мамнунанд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**мухбири “Овози тоҷик”**
**дар вилояти Сурхондарё.**

*Гиромидошт*

# СИТОРАҲО БА Ӯ ИЛҲОМ МЕБАХШИД

***Тавре ки хабар дода будем, 31 октябр – 4 ноябри соли ҷорӣ дар сартосари китобхонаҳои мамлакатамон ҷашнвораи китобхонон баргузор шуд.***

Дар доираи чорабиниҳои ҷашнвора дар Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ шаби ёдбуди асосгузори Мактаби байналхалқии аэрокайҳонӣ, академик Шавкат Воҳидов баргузор шуд.

Чорабинӣ бо намоиши филми ҳуҷҷатии «Ситораҳои илҳомбахш», ки ба ҳаёт ва фаъолияти илмии Ш. Воҳидов бахшида шудааст, оғоз ёфт.

Номзади илмҳои техникӣ, дотсент Нуриддин Абдуҷабборов иштирокдоронро ба ҳаёт ва фаъолияти пуршарафи Ш. Воҳидов шинос кард. (Мо дар арафаи 90-солагии мавсуф тариқи рӯзнома (8.10.2022.№80, «Донишманди замон буд») маълумот дода будем). Дар шабнишинӣ шогирдони устод Ш. Воҳидов доктори илмҳои физика-математика, профессор Э. Иброҳимова, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Н. Абдуҷабборов, олимони барҷастаи соҳа В. Гатауллин, В. Климоис, А. Усмонов хотираҳояшонро, ки бо ин олими номвар вобаста аст, баҳам диданд.

Гуфта шуд, ки Шавкат Воҳидов ба тақдири ҳеч як фард бефарқ набуд. Кайҳоннавардони зиёд, чандин олиму донишмандони илми физикаву математика муаллимони мактаби аэрокайҳонии ӯ буданд.

Дар чорабинӣ ҷиҳатҳои инсонпарварии ин шахси бузург алоҳида эътироф гардид. Ӯ ба ҳар шахсе, ки илму фанро қадр мекард, хоҳ хурд бошаду хоҳ калонсол, бо эҳтироми хос менигарист.

... Рӯзе фарзанди хурдсоли яке аз шогирдони устод ғойиб мешавад. Он замонҳо тариқи телевизион эълонҳо дода нашавад ҳам, бо саъю ҳаракати Ш. Воҳидов барои дарёфти он эълон дода мешавад. Оби каналу ҷӯйҳо то ҳадди имкон кам карда шуда, дар кофтукови он мешаванд. Пас аз чанд рӯз бачаро аз як мавзеи дурдасти вилояти Тошканд меёбанд. Аввал худи устод ба он ҷо рафта, бачаро бо чашмони худ мебинад, то ки падару модари ӯ боз ноумед нагарданд. Ва баъд ин хабари хушро ба волидони ӯ мерасонанд.

Шавкат Воҳидов иродаи матин дошт. Ӯ дар охири умр гирифтори бемории вазнин мегардад, чанд маротиба ҷарроҳӣ мешавад. Ҳар гоҳ ба пойтахти Русия рафта, табобат мегирифту боз ба ватан баргашта, машғули касби дӯстдошта мешуд.

5 нафар фарзандони Шавкат Воҳидов бо касби кори гуногун ҳиссагузори рушди нумӯъи кишвар мебошанд.

Шогирдон баробари ёд кардан, дуогӯйи рӯҳи поки ӯ мебошанд.

**Н. НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# КАБУДИЗОРКУНӢ ДАР ДОИРАИ ЛОИҲА

***Ӯзбекистони мустақилу офтобрӯя бо табиати нотакрор ва боғу гулу гулгаштҳояш ном баровардааст. Барои ободонӣ аз ҷониби ҳукумат пайваста ғамхорӣ зоҳир мешаваду аз ҷониби аҳолии меҳнатпарвари мо низ корҳои зиёде амалӣ мегарданд. Барои боз ҳам ободу фаровон намудани диёрамон 30 декабри соли 2021 “Дар бораи чораву тадбирҳои боз ҳам бештар тезонидани корҳои кабудизоркунӣ ва босамар ташкил намудани муҳофизати дарахтон дар Ӯзбекистон” Фармони Президент қабул гардида, мувофиқи ин фармон барои зиёд намудани дарахтзорҳо лоиҳаи умумимиллии “Макони сабз” ҷорӣ гардида буд.***



Дар айни замон дар сартосари мамлакатамон доир ба ниҳолшинонӣ тадбирҳои “40 рӯзи муҳим” гузаронида мешавад, ки дар натиҷаи ин бисёр маконҳои ноободи ободу муҳит ранги дигар мегирад. Дар доираи ин лоиҳа бояд 75 миллион ниҳолҳои меванок ва манзаравӣ шинонида шавад. Боз супориш дода шудааст, ки ба 500 ҳазор хонадони камбизоати кишвар 10 бехӣ ниҳоли меванок ройгон дода шавад. Дар вилояти Сурхондарё шинонидани ниҳолҳо аз рӯи тавсияи мутахассисони хоҷагии қишлоқ амалӣ мегардад.

Дар доираи лоиҳаи умуммиллии “Макони сабз” ва “40 рӯзи муҳим”, ки аз 20 октябр оғоз шуду то 1 декабр идома меёбад, ҷамоаи Донишгоҳи давлатии Тирмиз низ пеши худ мақсад гузоштаанд барои кабудизоркунӣ, муҳофизат намудани гулу буттаҳо ва дарахтони ҳудудашон камари ҳиммат баста, баҳри ободонии маскани таълим саҳмгузор шаванд. Дар ин роҳ донишҷӯёни хайрхоҳ ва ҳама хидматчиёну ходимони илмӣ ҷалб гардидаанд. Онҳо бо роҳи ҳашар заминҳоро нарму побел месозанд, намудҳои гуногуни арча ва дигар дарахтони манзаравӣ мешинонанд. Ҷамоа ба нақша гирифтааст, ки дар тӯли 40 рӯзи пешбинишуда 3400 ниҳоли меванок ва манзаравӣ шинонида, парвариш намоянд.

3 ноябр дар литсейи академии назди Донишгоҳи давлатии Тирмиз бо иштирок ва ташаббуси Кумитаи экология ва муҳофизати табиати ҷумҳурӣ, Саридораи экология ва муҳофизати табиати вилоят, ҷамъияти “Нуронӣ”-и вилоят дар доираи лоиҳаи зикршуда ҳашари умумӣ ташкил гардида, аксар майдонҳои гирду атрофи ин маскани илм кабудизор кунонида шуд. Дар оғози тадбир раиси кумита Нарзулло Обломуродов, ректори донишгоҳ, профессор Авазҷон Марахимов, нурониёни рӯзгордида ва мутахассисони соҳа ба сухан баромада, дар бораи аҳамияти ниҳолҳои сабз дар тозагии муҳит ва муҳофизати табиат, барқарории экология, дар куҷо, кай ва чӣ навъ шинонидани ниҳолҳо батафсил ҳарф заданд. Баъд ҳама – ҷавону пир, зану мард ба ниҳолшинонӣ пардохтанд. Донишҷӯёни хайрхоҳи донишгоҳ дар ҳудуди литсей зиёда аз 300 ниҳоли меванок ва манзаравӣ шинониданд, ки лоиқ ба таҳсин аст. Ин гуна корҳои хайр дар доираи лоиҳа минбаъд ҳам дар донишгоҳ давом хоҳад кард.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

# «ӮЗБЕККӮМИР» – 4,9 МЛН. ТОННА АНГИШТ БА ИСТЕЪМОЛГАРОН

***Мардуми мо ғами зимистонро дар баҳору тобистон мехӯрад. Ҳоло ҳаво андак сард шудааст, баъди ягон моҳ зимистон ба дар ангушт мезанад.***

Дар моҳҳои январ — сентябри соли равон ҶС «Ӯзбеккӯмир» 3,7 млн. тонна ангишт истихроҷ намуд ё нақшаи истеҳсоли он дар тӯли 9 моҳ 100,4 фоиз иҷро шуд. Дар маҷмӯъ, ҳаҷми сӯзишвории ба истеъмолгарон интиқолдода 3,8 млн. тоннаро ташкил дод.

Дар нишасти матбуотие, ки ба қарибӣ дар Маркази матбуоти миллӣ бо иштироки масъулони ҶС «Ӯзбеккӯмир» ва ҶММ «Кӯмир таъминот» баргузор шуд, дар ҳамин хусус сухан рафт.

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки дар доираи барномаи маҳалликунонӣ дар ҷумҳурӣ корҳои муайян анҷом дода мешаванд. Дар мавсими тирамоҳу зимистони соли равон ба аҳолии ҷумҳурӣ 822 тонна ангишти маҳаллӣ интиқол дода хоҳад шуд. Дар моҳҳои январу сентябр аз ҷониби ҷамъияти мазкур барои таъмини эҳтиёҷи аҳолӣ 3,8 тонна ангишт истихроҷ карда шудааст.

Имрӯзҳо дар доираи иҷрои қарори Девони Вазирон «Дар бораи чорабиниҳо оиди ба кори муттасил омода кардани шабакаҳои иқтисодиёт, объектҳои соҳаи иҷтимоӣ ва фонди манзилҳои зисти бисёрҳуҷра дар мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023», аз 23 сентябри соли 2022, корҳои таъмини аҳолӣ бо ангишт суръат пайдо кардаанд. 89 анбори ангишт ва 12 шуъбаи минтақавии он ба мавсим омода аст.

Ангишти ба аҳолӣ пешбинишуда бино ба ҷадвали ҷамъомади шаҳрвандони ҳар маҳалла, ки ҳокимиятҳо тасдиқ намудаанд, тақсим карда мешавад.

Баромадкунандагон ҳамчунин ёдрас намуданд, ки ба мақсади ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нархи ангишт бетағйир монд, яъне ҳоло нархи 1 тонна ангишт 300 ҳазору 300 сӯмро ташкил медиҳад. Барои ба аҳолӣ интиқол додани ангишти истихроҷгардида аз ҷониби ҶММ «Кӯмир таъминот» 54 мошини боркаш ва 62 мошини борбардор ҷудо карда шудааст.

Дар поёни нишаст ходимони масъули ҶС «Ӯзбеккӯмир» ва ҶММ «Кӯмир таъминот» ба саволҳои журналистону блогерҳо, ки ба истихроҷ ва интиқоли ангишт тааллуқ дошт, ҷавоби қаноатбахш доданд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

# БОҒЧАИ НАВ ДАР МАҲАЛЛАИ «АТТОРОН»-И РОМИТАН

***Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Атторон»- и ноҳияи Ромитан муассисаи давлатии таълими томактабии рақами 8, ки аз таъмири асосӣ баромад, ба истифода супорида шуд.***




Дар ин бинои дуошёнаи замонавӣ, ки барои 120 нафар наврасон мувофиқи барномаи сармоявӣ аз тарафи бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бобур Асадбек Темур» (сардораш Толиб Икромов) аз нав сохта шуд ва бо ин мақсад 3 миллиарду 583 миллион сӯм маблағ харҷ гардидааст, ба таълиму тарбияи бачагон имкониятҳои қулай фароҳам оварда шудааст. Боғча дорои хобгоҳи зебою васеъ, ошхона, дарсхонаҳою мебелҳои замонавӣ, лӯхтакҳои гуногуну воситаҳои зиёди аёнӣ, шабакаи обҳои гарму хунук мебошад. Дар ин ҷо қариб 30 нафар шаҳрвандон соҳиби кор шудаанд. Дар маросими кушодашавии боғча роҳбарон, мутасаддиёни соҳа, намояндагони ҷамоатҳо, фаъолони маҳалла, падару модарон, бинокорон ҳузур доштанд. Онҳо аҳли ҳудудро бо ҷомаи амал пӯшидани орзуяшон муборакбод намуда, нисбати ғамхориҳои давлат ба бачагон сипосгузорӣ карданд. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ноҳия 11 ҳазору 828 нафар наврасони аз 3 то 7-сола мавҷуд буда, 9 ҳазору 808 нафари онҳо, яъне 82,9 фоизашон ба 150- то муассисаи гуногуни таълими томактабӣ ҷалб карда шудаанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

# ЖУРНАЛИСТИ ЗАҲМАТКАШ ВА ХОКСОР БУД



Шоире фармудааст:

*Ин шом зани ҳомиларо*
*мемонад,*
*Нармак-нармак қадам*
*ба роҳ мемонад.*
*Зояд ба саҳар тифлаки*
*ғам ё шодӣ?*
*Инро на ману на ту,*
*Худо медонад.*

Бале, фардо чӣ ҳодиса рўй медиҳад, кас намедонад. Зани ҳомилаи шаб субҳи ноябри соли равон барои ҷамоаи рўзномаи «Овози тоҷик», «Чуст ҳақиқати» ва яке аз гузару оилаҳои шаҳри Чусти вилояти Намангон тифли ғам зод.

Дар 71-умин солгарди умри худ хабарнигори рўзномаи «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон, масъули саҳифаи тоҷикии рўзномаи ноҳиявии «Чуст ҳақиқати», рўзноманигори касбӣ Анвар Муродов бар асари бемории ин дунёи фониро падруд гуфт.

Анвар Муродов 10 ноябри соли 1951 дар гузари Бофандаи шаҳри Чуст дида ба дунё кушод. Баъди хатми мактаби таълими ҳамагонии зодгоҳ фаъолияти меҳнатиашро ба сифати коргар дар Колоннаи механиконидашудаи байниколхозии шаҳри Чуст оғоз намуд. Вале ҳушу ёдаш доим ба кори матбуот буд. Вақте фурсат даст дод, ҳуҷҷатҳояшро ба факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд супорид. Баъди хатми донишгоҳ соли 1981 ўро дар Маркази эҷодиёти бачаҳою наврасони шаҳри Чуст ба сифати роҳбар ба кор қабул карданд. Солҳои бозсозӣ, вақте як саҳифаи рўзномаи ноҳиявии Чуст – «Чуст ҳақиқати» тоҷикӣ шуд, масъалаи кадр пеш омад. Хулоса карданд, ки бори ин саҳифаро Анвар Муродов ба дўш гирифта метавонад: сокини Чуст, роҳбари Маркази эҷодиёти бачаҳою наврасони шаҳр, мактаби тоҷикиро хатм кардааст, маълумоташ олӣ, журналист.

Шурўъ аз соли 1993 Муродов чун масъули саҳифаи тоҷикии «Чуст ҳақиқати» ба кор пардохт. Хабару мақолаҳои ў аз овони донишҷўияш дар саҳифаҳои «Овози тоҷик» («Ҳақиқати Ўзбекистон»-и собиқ) чоп мешуд. Тавону салиқаашро ба назар гирифта соли 2006 маъмурияти рўзномаи «Овози тоҷик» ўро хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон таъин намуд. Кор дар ду ҷабҳа аз сабру таҳаммул ва тавону салиқаи ў дарак медод. Тўли фаъолият дар ин вазифа журналисти заҳматписанд ва хоксор бо хабару мақола ва гузоришҳои хонданияш ба дили хонандагон роҳ ёфт. Боре нашунидаем, ки ў гуфта бошад: «Чаро маводи интиқолдодаи ман чоп нашуд?»...

Шодравон соли 2018 бо мукофоти давлатӣ – медали «Шуҳрат» сарфароз гардонда шудааст.

Синни 60-70 барои онҳое, ки бо маънавият ва қалам сарукор доранд, синни камолот аст. Зеро таҷрибаашон зиёд мешавад, дар кўраи ҳаёт мепазанд. Дареғ, Анвар Муродов дар айни ба камолот расидан, моро тарк гуфт. Хонаи охираташ обод бод! Худои мутаол ба аҳли оила ва наздикони ў сабри ҷамил ато намояд.

**Ҷамоаи рўзномаи «Овози тоҷик».**

***Ба як гурўҳ тарбиягирандагони мактаб-интернати ихтисосонидашудаи рақами 61-уми шаҳри Самарқанд Хазинаи байналмилалии ҷамоатии «Замин» ва Агентии рушди хидматҳои тиббӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ дар доираи лоиҳаи «Ман шунидан мехоҳам!» асбобҳои шунавоӣ доданд.***

# БА ТАРБИЯГИРАНДАГОНИ МАКТАБ-ИНТЕРНАТ АСБОБҲОИ ШУНАВОӢ ТЎҲФА КАРДА ШУД

– Ҳоло дар муассисаи мо аз шаҳру ноҳияҳои вилоят 373 нафар хонанда, ки ба эътибори алоҳида ниёз доранд, таълиму тарбия мегиранд, – гуфт ҷонишини мактаб-интернат доир ба корҳои маънавиву маърифатӣ Ойширин Шодиева. – Дар арафаи Рўзи байналмилалии кўдакон бинои нави мактаб-интернат ба истифода дода шуд ва ҳоло дар ин боргоҳи таълимӣ барои таҳсили бачагон шароити зарурӣ фароҳам гардидааст. Имрўз ба ҳамаи тарбиягирандагони мо асбобҳои замонавии шунавоӣ тақдим гардид. Бояд гуфт, ки асбобҳои шунавоӣ метавонанд барои беҳтар кардани қобилияти шунавоӣ ва нутқ, махсусан дар одамоне, ки шунавоии сенсорӣ доранд (камшавии шунавоӣ дар гўши дарунӣ аз сабаби вайрон шудани ҳуҷайраҳои мўй ё осеби асаби шунавоӣ), мусоидат мекунанд. Камшавии шунавоии сенсорӣ метавонад аз сабаби сирояти вирус ё бактерия, садо, ҷароҳат, пиршавӣ, баъзе дору, нуқсонҳои таваллуд, варам, ихтилоли гардиши хун ё фишори баланди хун ва инсулт ба вуҷуд ояд. Тақдими асбобҳои шунавоӣ ба бачагон, албатта, барои беҳтар аз худ кардани дарс, ривоҷи нутқи онҳо мусоидат мекунад.

Масъулони Хазинаи байналмилалии ҷамоатии «Замин» ва Агентии рушди хидматҳои тиббӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ бо падару модарони тарбиягирандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда шартнома баста, бачагонро пурра аз санҷиши тиббӣ гузарониданд. Бо дарназардошти дараҷаи шунавоии онҳо асбобҳои шунавоиро супурданд.

– Духтарам аз овони тифлӣ дар шунавоӣ нуқс дорад, - гуфт сокини шаҳри Ҷумъаи ноҳияи Пастдарғом Мунира Ҷалолова. – Ҳоло дар синфи якуми мактаб-интернат таҳсил мегирад. Имрўз шифокорон духтарамро аз муоинаи тиббӣ гузаронда, ба вай асбоби шунавоӣ доданд ва дар бораи тартиби истифода ва нигоҳубини онҳо маълумот доданд.

Инчунин, қариб ба 50 нафар писару духтарони хатмкардаи мактаб-интернат асбоби шунавоӣ дода хоҳад шуд.

**Ф. ЮЛДОШЕВ.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Дарси тасаввуф*

### Ҳафт пир

*(Пири шашум)*

# САЙИД АМИРИ КУЛОЛ

**САОДАТИ САЙИДӢ**

Сайид Амири Кулол ибни Амир Ҳамза ибни Амир Иброҳим пири шашуми тариқати ҳоҷагон-нақшбандия маҳсуб мешавад. Дар силсилаи заррине, ки аз Муҳаммад (с.а.в.) оғоз меёбад, ҳалқаи 15-ум мебошад. Ў муриди пири Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд – Бобои Самосӣ аст. Ризқи хеш аз паси касби кулолӣ пайдо кардааст. Бинoан, бо лақаби Кулол машҳур шудааст. Падараш Амир Ҳамза ибни Амир Иброҳим аз шаҳри Мадина буда, насабаш ба Муҳаммад (с.а.в.) пайғамбар мепайвандад. Ба Мовароуннаҳр кўчида дар атрофи Бухоро умр ба сар бурдааст.

Дар сарчашмаҳо омадааст, ки Амири Кулол марди қадбаланд, фарохшона, дароздаст, абрукамон ва ба он андоза хоксор буда, ки эътирозу саркашӣ чист намедонистааст.

Бино ба натиҷагириҳои олимон Амиру Кулол соли 1281 дар деҳаи Сухори (дар манбаъ Афшина омадааст) ноҳияи Когони кунунӣ дида ба дунё кушодааст. Қисми зиёди умраш дар Бухоро пушти сар шудааст. Бино ба маълумоте як муддат дар Насаф (Қаршии кунунӣ) низ ба сар бурдааст. Соли 1370 дар деҳаи Сухор вафот карда, бино ба ҳисоби милодӣ 89 сол умр ба сар бурдааст. Ўро дар қабристони деҳа дафн кардаанд. Тўли солҳои истиқлол дар болои қабраш мақбара ва дар атрофи мақбара маҷмааe бунёд гардид. Маҷмаа мақбара, боғ ва масҷиди ҷомеъро дар бар мегирад. Ҳоло ин маскан ба зиёратгоҳи ҳамватанон ва оламиён табдил ёфтааст.

**БАШОРАТИ «АМИРИ КАЛОН Ё САЙИД ОТА»**

Амири Кулол бо лақаби «Амири Калон» низ машҳур аст. Аҷобаташ дар он, ки ин лақаб ба ў пеш аз таваллудаш дода шудааст.

Падари Амири Кулол бо яке аз намояндагони тариқати Яссавия – Сайид Ота дўстӣ дошт. Ин авлиё ҳар боре, ки ба Бухоро ояд, бо ў вомехўрдааст.

Боре башорат кардааст, ки дар хонадони Амир Ҳамза фарзанди бузурге ба дунё хоҳад омад, ки ба ў аз рўйи эҳтиром лақаби «Амири Калон»-ро медиҳанд. Тифл ба дунё меояд. Ин бор, вақте Сайид Кулол ба Бухоро меояд, ба сари Амири Кулоли чорсола ними саллаашро печонда, дар ҳаққи ў дуо мекунад.

**АВЛИЁИ ПАҲЛАВОН**

Амири Кулол ҷисмонан марди нируманд буд. Ин нирў ўро ба гўштингирӣ хонд. Ба сифати паҳлавоне, ки тахтапушташ ба замин нарасидааст, ба воя расид.

Боре, вақте дар Ромитан машғули гўштингирӣ буд, Бобои Самосӣ ташриф фармуда, ўро ба тариқат даъват менамояд. Пир муриди ҷавони худро 20 сол тарбия кард. Баъди вафоти Бобои Самосӣ бори роҳбарии тариқат ба дўши Амири Кулол меафтад.

**УСТОДИ ШОГИРДАШ БИСЁР**
**ё пири калони Амир Темур**

Амири Кулол дар байни ҳафт пири тариқати ҳоҷагон – нақшбандияи Бухоро сермуридтарин устод аст. Дар манбаъҳо доир ба 114 муриди ў маълумот дода шудааст, ки баробар аст ба теъдоди сураҳои Қуръони карим. Дар байни онҳо машҳуртаринашон Баҳоуддини Нақшбанд, Шамсиддини Кулол ва Хоҷа Орифи Деггарон аст. Шамсиддини Кулол пири Амир Темур ба шумор меравад. Пас, маълум мешавад, ки Амири Кулол барои Амир Темур пири калон аст. Ин дар он давр аз мақоми баланд доштани тариқати хоҷагон – нақшбандия дарак медиҳад.

**ПАДАРЕ, КИ ТАРБИЯИ ПИСАРАШРО БА МУРИДИ ХУД ВОГУЗОШТААСТ**

Дар «Насоим-ул-муҳаббат...»-и Навоӣ омадааст, ки боре ба шогирдаш – Баҳоуддин чунин мегўяд: «Устод вақте шогирдеро ба тарбияи худ гирифт, натиҷаи кори худро дидан мехоҳад. Дар кору рафтори шогирд нуқсе бинад, ба ислоҳи он мекўшад. Инак, писарам Мир Бурҳон дар тарбияи маънавии пире қарор надорад. Тарбияи ман натиҷаи матлуб намебахшад. Мехостам, ки бо тарбияи ў машғул шавед».

Магар, тарбияи фарзанди устодро ба зимма гирифтан кори осон аст? Баҳоуддин гўш ба ин суханони устод дода, сукут варзид. Устод гуфт: «Сукут наварзед». Баҳоуддин бо тарбияи писари пир машғул шуд. Бад-ин тариқ дар рўҳи Сайид Бурҳон дигаргунӣ рўй дод, ба қавли Навоӣ: «Ҳолати қавӣ дар ў падид омад ва осори шукри ҳақиқӣ зоҳир гардид».

**ИҶОЗАТ БАРОИ ТАЪЛИМИ ТАКРОРӢ**

Аз силсилаи мақолаҳои «Ҳафт пир» шуморо маълум аст, ки Бобои Самосӣ дар назди Амири Кулол вазифа гузошта буд, ки тарбияи Баҳоуддини ҷавонро ба зимма гирад. Шогирд ин вазифаро бекаму кост иҷро кард. Рўзе Амири Кулол Баҳоуддинро ба наздаш хонда гуфт: «Васиятро дар мавриди ту пурра иҷро кардам».

Гуфт: «Ҳар чӣ дар боби тарбият буд, бароят додам». Сипас ба сари сина имо карду афзуд: Ин пистонро барои ту хушк кардам ва мурғи рўҳонияти ту аз байза (тухм) берун шуд. Аммо шаҳбози ҳиммати ту баландпарвоз омад». Аз ин баҳои устод эътирофи истеъдоди беназири шогирд эҳсос мешавад. Бад-ин тариқ, ў ба Баҳоуддин иҷозат медиҳад, ки аз пири дилхоҳаш таълим гирад. Шогирд барои таълиму тарбия ба Насаф – ба ҳузури яке аз пирони тариқати яссавия Қусам Шайх меравад.

**РЎҲ ДИГАР АСТУ ҶИСМ ДИГАР**

Дар «Мақомоти Амири Кулол» бисёр кароматҳои Амири Кулол оварда шудаанд. Аз ҷумла, гуфта шудааст, ки ў дар овони бачагӣ ба бародараш моҳибирён мебурд, як умр ҳарчанд аз ҳудуди Бухорою Насаф берун нарафтааст, тўли 32 сол ҳар сол дар ғайб ба зиёрати ҳаҷ мерафт, ҳар рўзи ҷумъа ғоибона дар масҷиди Рум имомӣ мекард, хоҳиши муридонро аз дур истода пиёда ва ҳайвонҳои ваҳширо ба осонӣ ром мекард.

**ТИР ЧАРО АЗ КАМОН БЕРУН МЕҶАҲАД?**

Амири Кулол ба забони форсӣ-тоҷикӣ шеърҳо ба мерос гузоштааст. Баъзе аз онҳо пурмуҳтавоянд.

Мутаваҷҷеҳ бошед:

*Бо бад манишину бош*
*бегонаи ў,*
*Бар дом афтӣ, гар бихўрӣ*
*донаи ў.*
*Тир аз пайи ростӣ камонро*
*каҷ дид,*
*Дидӣ, ки чӣ гуна ҷаст аз*
*хонаи ў.*

**АЗ ХУДО ДУР, АЗ ХЕШ БЕГОНА БУДАН БЕҲ**

Байти зерин ҳар касро водор месозад, ки аз тарзи ҳаёти худ биандешад:

*Маёзор мўру маёзор кас,*
*Раҳи росткорӣ ҳамин асту бас.*

**ФАРЗАНДИ ПОК**

Ҳақиқатҳое вуҷуд доранд, ки бо гузашти давру замонҳо аҳамияти худро аз даст намедиҳанд. Ин чор сатри мондагори Амири Кулол далели гуфтаи мост:

*Нишони он, ки ман фарзанди*
*покам,*
*Падар ҳам пок, модар ҳам*
*афифа.*
*Дилам пок асту доман пок*
*дорам,*
*Тариқи рострах – бўйи ҳақиқа.*

**ИЛМ ВА АМАЛ**

Дар байни халқ сухани ҳикматомезе ҳаст, ки ин аст: «Гуфтаи муллоро иҷро куну кору амалашро на».

Дар замири ин панд фикри «Гўяндагон худ ба суханашон амал намекунанд» нуҳуфтааст.

Ин суханонро беҳуда намегўям. Итминонат қавӣ бошад, ки Амири Кулол ба ғояҳои тарғибнамудааш худ қотеона амал кардааст. Дар рўзгори чунин бузургон сухан по ба пойи амал рафтааст. Онҳо намунаҳои олии илму амалро намоиш додаанд.

**Султонмурод ОЛИМ,**
**адабиётшинос,**
**Ходими шоистаи**
**фарҳанги Ўзбекистон.**

# ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ ДОМАН ФАРОХ МЕКУНАНД

***Дар чаҳорчўби роҳандозии чорабиниҳое, ки ба 30-юмин солгарди муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ўзбекистон баргузор мегарданд, аъзои маҳфили илмию адабии «Ганҷи сухан»-и шаҳри Хуҷанд, ба вилояти Фарғона ташриф оварданд.***

Зери садоҳои дафу доира ва карнаю сурнай гурўҳи духтарон ба меҳмонони тоҷикистонӣ гулдастаҳои тару тоза тақдим намуданд. Баъд бо иштироки меҳмонон дар бинои «Маркази дўстии ўзбеку тоҷик», воқеъ дар ноҳияи Риштон маҳфили муштараки адибон ва аҳли илму фарҳанги ду вилоят баргузор гардид. Онҳо аз китобхона ва утоқҳое дидан карданд, ки барои баргузории маҳфилҳои гуногун ифтитоҳ ёфтаанд.

Сафари аъзои ин маҳфил бо мусоидати бевоситаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон, сафорати Тоҷикистон дар Ўзбекистон, Ҳукумати вилояти Суғд, ҳокимияти вилояти Фарғона ва Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ин вилоят роҳандозӣ гардид.

Раҳбари маҳфили «Ганҷи сухан» Саидумрон Саидов барои пазироии гарму ҷўшон ба мизбонон ибрози сипосгузорӣ кард.

Дар ҳайати ҷониби вилояти Суғд нависандаи халқии Тоҷикистон Маъруф Бобоҷон, нависандагон ва журналистон Додохони Эгамзод ва Матлуба Ёрмирзоева, шоирон Нуралии Нурзод, Гулнози Тоҳириён ва Сурайё Ҳакимова, устодони ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ва Донишгоҳи иқтисодии Хуҷанд Шарифҷон Тоҷизода, Субҳони Аъзамзод, Нодира Қўзиева, Ҳусейн Юсуфӣ ва Содирхон Умаров шомил мебошанд.

Меҳмонон аз коргоҳи кулолони риштонӣ боздид намуданд ва бо фаъолияти иддае аз онҳо ошно шуданд, онҳоро ҷозибаи ҳар як зарфу маҳсулоте, ки кулолон сохтаву наққошӣ карда буданд, ба ҳайрат овард.

Дар Кохи фарҳанги ноҳияи Риштон суҳбату мулоқотҳои ширину ҷаззоб ба вуқўъ пайвастанд ва иди дўстӣ барпо шуд. Суруду таронаҳои шўху ҷаззоби тоҷикиву ўзбекӣ ба ҳам омехт.

Рўзи дуввум аъзои маҳфили «Ганҷи сухан» ба Донишгоҳи давлатии Фарғона ташриф оварданд. Онҳо бо аҳли адабу фарҳанг ва донишҷўёну шефтагони каломи бадеъ дидору мулоқот анҷом доданд. Баъд устодону донишҷўёни гурўҳи тоҷикии Донишгоҳи давлатии Фарғона намоишномаи адабиву бадеӣ ва мусиқиро ба меҳмонон пешкаш намуданд, ки он бо кафкўбиҳо истиқбол гирифта шуд.

Ҳамон рўз аъзои маҳфили «Ганҷи сухан» таҳти сарварии С. Саидов аз «Маркази ҳунармандон»-и шаҳри куҳани Марғелон боздид намуданд.




– Ташрифи олимону шоирон ва журналистони маъруфи тоҷик ба вилояти мо дар ҷавоб ба он сафар сурат гирифт, ки мо ба вилояти Суғд карда будем. Чунин дидору мулоқотҳо моро хеле ба ҳам наздик хоҳад кард ва меҳру муҳаббати самимиро дар қалбҳоямон ҷо хоҳад намуд. Мо бе ҳамдигар буда наметавонем ва ин борҳо собит шудааст. Аҳли қаламу фарҳанг ҳамеша барои сулҳу субот ва ҳамгироии халқҳо хидмат мекунанд. Ин бор низ аз ташрифи дўстони тоҷикистонӣ дилу дидаҳо оромид ва риштаҳои дўстиву рафоқат боз мустаҳкамтар гардид, – мегўяд раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Фарғона, шоир ва журналист Масъуди Мирзо.

Баъд аз зуҳри 1 ноябр аъзои маҳфили «Ганҷи сухан» бо як олам таассуроти наҷиб ба шаҳри Хуҷанд баргаштанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Дар арзҳои дўстӣ*

# ТО ШАВАД ДУНЁ ПУР АЗ ОВОЗИ СУЛҲ

Муҳаррири рўзномаи «Гулобод тонги», шоири зуллисонайн Нормурод Каримзода саргарми таҳияи маводи шумораи навбатии рўзнома буд, ки телефони дастиаш мусиқӣ навохт. Вай тугмачаи онро пахш карда буд, ки овози ҳофизи номдор Ҳасани Нуруллоҳро шунид:

– Устод, шумо шеъри шоири зиндаёд Боқӣ Раҳимзодаро чоп кардед ва фарзандонашон барои арзи сипос омада истодаанд, – хабар дод Ҳасан, – баъди чанд дақиқа меҳмони таҳририят мешавем.

– Ба чашм, – завқ карда хандид муҳаррир, – ба қавли Биноӣ:

*Хидмати меҳмон бувад*
*корам,*
*Миннати меҳмон ба ҷон*
*дорам.*

Дар ҳақиқат, пас аз соате духтарони шоири номдори тоҷик Сурайё ва Санавбар, фарзандони бастакор Зиёдулло Шаҳидӣ Фирўза ва ҳунарпешаи тоҷик Аслӣ Бурҳон – Гуландом ба идораи рўзнома ташриф фармуданд. Баъди салому алейк Каримзода аз саҳифаи тоҷикии рўзнома шеъри Боқӣ Раҳимзода «Сулҳ»-ро қироат кард, ки табъи меҳмонон болида гашт:

*Хонаи умеди дунё кишварам,*
*Кишвари паҳновару*
*бахтоварам.*
*Месароям сулҳро дар сози*
*сулҳ,*
*То шавад дунё пур аз овози*
*сулҳ.*

– Руҳи падари бузургворамро шод кардед, – барафзуд Санавбар, ки солҳои тўлонӣ дар телевизиони Тоҷикистон наттоқӣ кардааст, – қиблагоҳам соли 1931 дар Самарқанд омўзишгоҳи муаллимтайёркуниро хатм карда, сипас домоди самарқандиён шудаанд. Мо беш аз бист сол ба ватани модарӣ омада натавонистем. Шукри Худо, ки бо сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи ду абармард – Президентамон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев дару дарвозаҳо боз шуданд. Мо чанд рўз аст, ки тамошои «Сайқали рўйи замин» ва ёдгориҳои таърихӣ мекунем, бо гул-гулшукуфии шаҳри бостонӣ шинос мешавем. Алалхусус, маҷмааи «Шаҳри абадӣ» таассуроти калон гузошт.

– Гарчанд падари бузургвори ман, бастакор Зиёдулло Шаҳидӣ самарқандӣ буданд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Фирўза Шаҳидӣ, – мо ҳам ба Самарқанд озод омада наметавонистем. Аз фурсат истифода бурда, ба ҳар ду сарварони давлатҳои ҳамсоя арзи сипос мекунам.

Сипас меҳмонон аз боғи соҳибкори номдор Толиб Маъруфӣ дидан карда, бо фаъолияти ибратбахши ў ва фарзандонаш шинос шуданд. Дар атрофи як пиёла чой суҳбати меҳмонону мизбонон ба қавле «қаймоқ баст».

Раиси Маркази фарҳанги тоҷикони Самарқанд Акбар Маҳмудов меҳмонони олиқадри тоҷикистониро хайра мақдам гуфта, чанд байт дар бораи дўстӣ қироат кард. Ҳофизи мардумии Тоҷикистон, фарзанди Самарқанд Асадуллоҳи Атоуллоҳ бо сурудҳои дилошўб табъи ҳозиронро болида сохт.

Соҳибхона акои Толиб ба шиори «Ҳар кӣ меҳмонро гиромӣ мекунад, кўшише дар некномӣ мекунад» амалкунон чанд хел таоми миллӣ ва ангуру меваи боғашро рўйи дасторхон гузошт. Меҳмонон, дар баробари ғизои маънавӣ, аз ғизои моддӣ низ баҳра бурданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

***Хайру эҳсон, саховату дастгирӣ арзиши олӣ, фазилати инсонпарваронаи мардуми мост. Хушбахтона, ин анъана имрўз низ бо шаклу намудҳои гуногун зоҳир мегардад.Тўйи суннатии фарзандон бошад, чун арзиши нодир, анъанаи қадимӣ, рамзи дасткушодию ҳимматбаландии халқамон аст.***

# ТЎЙИ СУННАТИИ НАВРАСОН

Хусусан, солҳои охир дастгирӣ намудани эҳтиёҷмандон, кумаки моддӣ ба оилаҳои камдаромад ба меъёри одии рўзгорамон табдил ёфтааст.

Ду-се рўз муқаддам дар базмгоҳи шаҳри Коғон бо ташаббуси ҳокимияти шаҳр, шуъбаи таълими халқи он баргузор гардидани тўйи суннатии 9 нафар бачагони оилаҳои муҳтоҷи дастгирӣ ба ин мисоли одист. Дар тадбир кормандони ҳокимият, раисони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо, хешу табори тўйшавандагон, меҳмонон иштирок карданд. Тўй бо муборакбодгўиҳо, туҳфаҳои арзанда, дархостҳои нек, савту сурудҳои дилнишин дар атрофи дасторхони пурфайз хотирмон гузашт. Вай ҳамчун рамзи шукронаи рўзгор, меҳру оқибат дар хотири меҳмонону мизбонон боқӣ хоҳад монд.

Дар фарҷоми маърака падару модарони соҳибтўй дар мамлакати мо воло будани қадри инсонро таъкид карда, ба созмондиҳандагони «дасторхони мурод» сипосгузорӣ намуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ПАНҶ РӮЗИ ЯК ТИРАМОҲ

***Баъд аз 25 соли аз ҳам дур буданҳо ва сардии муносибатҳо, ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев сарҳадҳо боз шуданд, ду халқи бо ҳам дӯсту бародар оғӯш кушоданд, робитаҳо равнақ ёфтанд ва дар ҳамаи соҳаҳо марҳалаи сифатан навро касб карданд. Аз ҷумла, моҳи майи соли 2022 дар шаҳри Тошканд Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон Созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонданд. Тибқи он, бобати табодули таҷриба, такмили ихтисоси кормандон ва матраҳ намудани дурнамои фаъолиятҳои эҷодӣ иқдом гузошта мешавад. Инчунин, ҳар сол як маротиба ҳайатҳои ҳар ду ҷониб ба кишварҳои ҳамдигар сафар намуда, бо фаъолияти эҷодии ҳамкасбон ва дурнамои он ошно мегарданд. Дар асоси тавофуқ, аз 12 то 16 октябри соли 2022 ҳайати Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон бо сарварии раиси он Олимҷон Ӯсаров ба Тоҷикистон қадам ранҷа карданд. Давоми панҷ рӯз ҳамкасбони ӯзбекистонӣ бо ҳампешагони худ мулоқот карда, бо дастовардҳои замони Истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои мухталифи Тоҷикистон шинос шуданд. Сафари мазкур бо ташаббуси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир гардид.***



### ОҒОЗ. РӮЗИ АВВАЛ. ИСТИҚБОЛ, МУЛОҚОТ ВА ТАМОШО

12 октябр гузаргоҳи сарҳадии Фотеҳобод аз субҳи барвақт серодам буд. Баробари тоҷикистониён, меҳмонони зиёде чи аз Ӯзбекистон ва чи аз дигар ҷумҳуриҳо тавассути ин гузаргоҳ вориди кишвари мо мешаванд. Ҳама болидарӯҳ, шоду масрур. Дар лабон табассум ва бо нидои «Хуш омадед!» онҳоро хайрамақдам мегӯем. Бешубҳа, марз аввалин дарвозаест, ки аз он таассуроти нахустин ҳосил мешавад, муносибати хубу муомилаи хуши марзбонону дигар масъулон касро шод месозад. Масъулони ноҳияи Мастчоҳ бо сарварии муовини раиси ноҳия, муҳаррири рӯзномаи ноҳиявӣ, гулдухтарон бо нону асал ва кормандони Иттифоқи журналистони Тоҷикистон интизори меҳмононанд. Баъди чанде, гурӯҳи одамон аз гузаргоҳ берун мешаванд, ки чеҳраҳои ошно – меҳмонони азизи кишваранд. Ҳайати меҳмононро муаррифӣ мекунем: Олимҷон Ӯсаров, раиси Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон, номзади илмҳои филология, дотсент, сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» Шерпӯлод Вакилов, муҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Баҳодур Раҳмонов, мушовири аршади раиси Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон Раҳимҷон Султонов, муҳаррири рӯзномаи «Ҳуррият» Абдурасул Ҷумъақулов, муҳаррири нашрияи «Асри XXI» Норқобил Ҷалилов, наворбардори шабакаи телевизионии “Ёшлар” Раҳматулло Қудратов, хабарнигори ин шабакаи телевизионӣ Ҳамза Ҷумъаев, сармуҳаррири Агентии иттилоотии “Подробно.уз” Андрей Тешаев ва муҳаррири портали хабарии “Хабар.уз” Улуғбек Орипов.

Ёздаҳ нафар – як тими пурқувват барои боздид ба кишвари мо омадаанд, ки хайрамақдамашон мегӯем ва меҳмононро ба мошинҳо меховнем. Ошноии меҳмонон бо шаҳрҳои Хуҷанду Гулистон дар пеш аст.

Кохи матбуоти шаҳри Хуҷанд аввалин маконест, ки дар он мулоқоти ҳампешагон пешбинӣ шудааст. Масъулони рӯзномаҳои вилоятӣ ва хабарнигорон меҳмононро гарм истиқбол мегиранд.

Раиси Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон Олимҷон Ӯсаров оид ба ҳадафи сафари ҳайати журналистони кишвараш сухан ронда, таъкид дошт, ки маҳз имзои созишномаи ҳамкорӣ байни ду иттифоқи эҷодӣ заминаи ин сафарро ба вуҷуд овард. Аз ҳайати меҳмонон Шерпӯлод Вакилов, Раҳимҷон Султонов ва аз мизбонон Илҳом Ҷамолиён, Уринбой Усмонов ин андешаҳоро тақвияти бештар медиҳанд. Дар идома меҳмонон ба идораи рӯзномаҳои вилоятӣ ошно мегарданд. Дар идораи “Суғд ҳақиқати” муҳаррир Фарҳод Ҷӯраев оид ба мактаби журналистони ҷавони назди идораи рӯзнома суҳбат мекунад, дар идораи “Согдийская правда” Исҳоқҷон Зокиров перомуни фаъолият дар шароити буҳронӣ таҷрибаи нашрияро изҳор медорад, муҳаррири “Ҳақиқати Суғд” Аминҷон Шарифзода аз истифодаи усулҳои ҷолибсозии матолиби чопӣ ва истифодаи муассири шабакаҳои иҷтимоӣ нақл мекунад.

Аз майдони эҷод меҳмононро ба коргоҳи муосири саноатӣ – Корхонаи муштараки “Ҷавонӣ” мебаранд. Технологияи ҷадиду навтарин, истеҳсоли молҳои ба рақобат тобовар тибқи меъёрҳои ҷаҳонӣ ва қимати муносиби маҳсулоти тайёр ба меҳмонон завқ мебахшид. Суҳбати журналистону мутахассисони корхонаи “Ҷавонӣ” то дер идома меёбад.

– Агар ками дигар суҳбатамон тӯл кашад, аз дидани ғуруби Офтоб ба дили “Баҳри тоҷик”, ки зебоии афсонавие дорад, бенасиб мемонем, – мегӯяд котиби матбуотии шаҳри Хуҷанд Маъмур Юсуфзода ва роҳ пеш мегирем ҷониби Гулистон – шаҳри ҷавону зебои канори “Баҳри тоҷик”. Дар қароргоҳи Роҳбари мамлакатамон меҳмонон ба тааҷҷуб меоянд: “Оё ҳамагон метавонанд ин ҷоро бубинанд?”.

– На танҳо метавонанд, – мегӯяд роҳбаладии мо, муҳаррири рӯзномаи “Соҳил” Назришоҳзода, – балки имкон доранд бо аҳли оила омада, дар ин ҷо истироҳат ва хурсандӣ кунанд.

Ба толоре ворид мешавем, ки шоҳиди мулоқотҳои роҳбарони аввали кишварҳост, макони имзои созишномаҳост ва қадамҷойи мардони рақами аввали сиёсӣ аст. Аз меъмории зебо, ороиши аҷиби ин макон меҳмонон ба ваҷд меоянд, акс мегиранд, хотираҳоро нақш мекунанд ва барои наздикони худ мефиристанд. Хусусан, дар канори соҳили “Баҳри тоҷик” гардиш намудан, бо осоишгоҳи машҳури “Баҳористон” шинос шудан ва тамошои ғуруби Офтоб лаззати хосса мебахшад. Рӯзи аввали сафари меҳмонон бо хаёлоти рангин паси сар мешавад.

### РӮЗИ ДУВУМ. РОҲУ НАҚБ, ДАРЁИ ВАРЗОБ, ШИРКАТИ ТАЛКО ВА БИҲИШТИ РӮЙИ ЗАМИН

Субҳи барвақти 13 октябр корвони мошинҳо ба сӯйи пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе роҳ пеш гирифт. Меҳмононро роҳҳои васеъву мумфарш ва ободи мо ба ваҷд меовард. Хусусан, нақбҳои “Шаҳристон”, “Истиқлол” ва убур аз онҳо ҷолиби диққат буд. Борҳо мошинро нигоҳ дошта, аз ҳавои муаттари Шаҳристон нафаси тоза гирифтанд, роҳҳои мумфарши ағбаҳои Анзобу Шаҳристонро наворбардорӣ карданд, бо инфрасохторҳои шоҳроҳ ошно шуданд. Вақте аз Ҳушёрӣ гузаштему дарёи Варзоб намоён шуд, роҳбари ҳайат хоҳиш кард, ки мошинро нигоҳ дорем. Ба нигоҳҳои пурсуоли худ чунин ҷавоб шунидем: “Солҳо орзуи аз дарёи Варзоб як каф об нӯшиданро доштам, мехоҳам ниятамро амалӣ кунам”.

– Охир, об хеле сард аст,– вале ба суханони мо гӯш надода, ба соҳили рӯди овозадори Варзоб фуромад Олимҷон Ӯсаров ва шикамсерӣ нӯшид, дасту рӯй шуст ва бо руҳи болида ба назди ҳамроҳон баргашт.

– Таърифашро шунида будам, имрӯз ба орзуям расидам. Оби нуқрафому софу зулол, табиати беҳамто ва манзараҳои зебои Варзоб мурғи илҳомро ба парвоз меоранд, – мегӯяд Олимҷон ва сафарамонро идома медиҳем.

Дар меҳмонхонаи “Ҳилтон” бо мусоидати раиси шаҳри Душанбе, шаҳрдори соҳибикрому ҷавон Рустами Эмомалӣ барои меҳмонон имконияти беҳтарини фароғату дамгирӣ муҳайё шудааст. Мизбонон бо садои карнаю сурнай меҳмононро истиқбол мегиранд. Намояндаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе Абдумаҷид Ҳакимзода роҳбаладӣ мекунад. Баъди чанде танаффус ва тановули ғизо, сӯйи шаҳри Турсунзода равона мешавем.

Дар даромадгоҳи ширкати ТАЛКО меҳмононро намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода бо барномаи ҷолиби консертӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ пешвоз мегиранд. Шиносоӣ бо осорхонаи ТАЛКО махзани иттилоотро дар бораи ин корхонаи бузурги Осиёи Марказӣ барои меҳмонон мекушояд. Норқобил Ҷалилов, муҳаррири нашрияи “Асри XXI”, мегӯяд:

– Мо дар бораи ин корхона қариб маълумот надоштем, фақат шунида будем, ки гӯё ҳавои атрофро ғализ мекунад. Имрӯз бо чашми худ дидем, ки дар атрофи ин корхонаи бузург истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар авҷ аст, онро дарахтони сарсабзу сояафкану мевадор иҳота кардаанд, мушкилотеро барои муҳити зист намебинем. Дар суҳбат намояндаи ширкат низ аз хусуси халал надидани муҳити зисти атроф изҳори андеша кард. Ба як сухан, ТАЛКО ҳам аз нигоҳи экологӣ ва ҳам аз нигоҳи истеҳсолот корхонаи муқтадир ва фоидаовар на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои Ӯзбекистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Абдурасул Ҷумъақулов, ки зодаи Сурхондарё аст, мегӯяд:

– Бори аввал ба Тоҷикистон омадаам ва дар корхонаи “Алюмин проф” дидем, ки маҳсулоти ин корхона, асосан, ба Ӯзбекистон содир мешавад ва барои эҳтиёҷоти мардуми ҷумҳурии мо нигаронда шудааст.

Аз корхонаҳои саноатии зикршуда то боғи Сомон, ки бо ангурҳои шаҳдбораш шуҳратёр аст, масофа дур нест. Роҳбари Хоҷагии деҳқонии “Боғи Сомон” Маҳмадамин Камолов мегӯяд, ки дар мавсим то 5 ҳазор коргарро ҷалб мекунанд ва ангурҳояшон, асосан, ба хориҷи кишвар содир мешавад. Рангорангии маҳсулот, тозагии муҳити атроф, ҳосили фаровон эътибори меҳмононро бештар ҷалб сохт. Ҳамза Ҷумъаев, ки гузоришро барои шабакаи телевизионии “Ӯзбекистон 24” омода мекард, мегӯяд:

–Ин ҷо аз ширкати ТАЛКО чандон дур нест, вале шаҳди ин ангурҳо аз безарарии заводи алюминий шаҳодат медиҳад. Дар оғӯши ин биҳишти рӯйи Замин лаҳзае будан таассуроте дорад, ки ногуфтанист. Мо, воқеан, худро дар биҳиште мебинем, ки номаш Тоҷикистон аст.

Аз шаҳди ангурҳои рангоранги “Боғи Сомон” ком ширин мекунем, аз суҳбати роҳбари хоҷагӣ файз мебарем ва бо як ҷаҳон таассурот ба пойтахт бармегардем. Раҳораҳ ронандаи мо қиссаи воқеиро нақл мекунад. Як марди араб баъди боздид аз “Боғи Сомон” ва Тоҷикистон ба ватани худ бармегардад ва ба дӯсташ қисса мекунад: “Дар кишваре будам, ки боғи пур аз меваи шаҳдбор дорад, даст меёзиву хӯшаи ангурро тибқи хоҳишат ба даст мерӣ ва истеъмол мекунӣ. Дӯсташ мегӯяд: – Нагӯйӣ, ки ба биҳишт рафта будам?!”.

Ҳама аз ин қиссаи ширин лаззат мебаранд.

— Аммо воқеият ин аст,– мегӯяд Раҳимҷонака Султонов, ки бузургсоли корвони журналистони Ӯзбекистон аст, – мо имрӯз биҳишти воқеиро дидем. Мо ҳам ангур дорем, аммо шаҳди ангурҳои шумо дигар аст,– хулоса мекунад пири кор ва бо ин хулоса ҳама ҳамовоз мегарданд.

### РӮЗИ СЕЮМ. “ТОҶИКФИЛМ”, МУЛОҚОТ БО ҲАМКАСБОН ВА МУЪҶИЗАҲОИ ОЛАМГИРИ ДУШАНБЕ

14 октябр ба дидани аввалин маконе, ки меҳмонон хеле хоҳиш карда буданд, Киностудияи “Тоҷикфилм” меравем. Дар саҳни он меҳмононро самимона истиқбол мегиранд ва ибтидо аз павилёни ба тозагӣ таҳияшуда, ки сабти филми муштараки киносозони тоҷику ӯзбек роҷеъ ба рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ дар назар аст, дидан мекунем. Малоҳат Абдуллоева, ки таҷрибаи ғании фаъолият дар соҳаи синаморо дорад, аз хусуси нақшаҳои эҷодии “Тоҷикфилм” ҳикоят мекунад. Сипас, бо ҳузури раиси Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” Маҳмадсаид Шоҳиён мулоқоти ҷолиби меҳмонон бо кормандони соҳа доир мегардад. Маҳмадсаид Шоҳиён таъкид месозад, ки, аллакай, киносозони ду кишвар ба корҳои амалӣ мегузаранд ва дар баробари таҳияи филми муштарак, робитаҳояшон дар ин бахш торафт зиёдтару беҳтар мегардад. Ба меҳмонон тамошои павилёне, ки он ҷо аз рӯйи достонҳои машҳури “Шоҳнома” филм гирифтаанд, кинотолори ба номи Тоҳир Собиров ва маҷмуаи аксҳои киносозони тоҷик писанд меояд. Роҳбари “Тоҷикфилм” аз дастгириҳои пайвастаи Президенти Тоҷикистон бобати рушди синамо нақл карда, дастовардҳои мавҷударо самараи таҳия ва қабули Барномаи давлатии рушди кино аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон медонад.

Олимҷон Ӯсаров ба аксҳо менигараду ҳунарманди зиндаёди тоҷик Ато Муҳаммадҷоновро мешиносад, ки дар филмҳои ӯзбекӣ низ нақшҳои асосиро иҷро кардаву дар Ӯзбекистон маҳбубияти зиёде дорад.

Ба меҳмонон оид ба нақшаҳои эҷодии киносозони тоҷик маълумоти муфассал дода шуд. Инчунин, онҳо навори омодашавии филми муштараки киносозони тоҷику ӯзбекро пешниҳод сохтанд, ки бо мамнуният қабул шуд.

Дар паҳлуи Киностудияи “Тоҷикфилм” шабакаҳои телевизионии “Варзиш” ва “Синамо” ҷойгиранд. Ҳангоми шиносоӣ бо фаъолияти онҳо, таваҷҷуҳи меҳмононро таҷҳизоти муосири сабту наворгирии мусобиқаҳои варзишӣ ва, хусусан эфири мустақим, ба худ ҷалб кард. Директори ТВ “Варзиш” Парвиз Нориён таъкид дошт, ки он гоҳо то 10 соат мустақим идома меёбад ва кормандони шабака барои дар сатҳи баланди касбӣ инъикос намудани мусобиқаҳои варзишӣ таҷрибаи хос доранд.

Баъд аз шиносоӣ бо фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ, дар толори Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон мулоқот бо роҳбарону намояндагони ВАО-и Тоҷикистон доир шуд. Саъдӣ Маҳдӣ, директори Академияи ВАО, меҳмононро хушомадед гуфта, риштаи суханро ба раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон медиҳад. Эшон ҳозиринро барои меҳмонон муаррифӣ карда, таъкид месозад, ки маҳз иродаи сиёсии роҳбарияти олии ду мамлакат имкон фароҳам овард, ки муносибатҳо ба сатҳи имрӯза бардошта шаванд. Сипас, раиси Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон Олимҷон Ӯсаров ба минбар меояд.

– Маҳали истиқомати ман дар мавзеи Булунғури Самарқанд аст,– мегӯяд ӯ, – мо ба роҳат имкони тамошои телевизионҳои тоҷикро дорем, онҳоро бо шавқи беандоза тамошо мекунем, зеро забони тоҷикӣ забони ширин аст. Тӯли чанд рӯзе, ки, инак, дар Тоҷикистон меҳмон ҳастем, ба дурустии ин ақида бовар кардем. Дар ҳар мулоқоту дидор бо ин забони шево моро хайрамақдам мегӯянд. Бовари комил дорем, ки дар оянда муносибатҳои журналистони ду кишвар боз ҳам қаринтар мешаванд ва тарҳҳои зиёдеро, ки якҷоя бо Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дорем, амалӣ мекунем.

Дар суханрониҳои Шерпӯлод Вакилов, Раҳимҷон Султонов, Баҳодур Раҳмонов, Норқобил Ҷалилов ва Ҳамза Ҷумъаев таъкид шуд, ки боздид аз Тоҷикистон хотироти зиёдеро дар пай дорад. Минбаъд дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори умуми Ӯзбекистон мо баробари инъикоси сафар даҳҳо маводи ҷолибро барои хонандагонамон омода месозем.

Бо ҷамъи меҳмонону журналистони тоҷик ба боғи Алишери Навоӣ меравем. Дар маросими ифтитоҳи ин боғ сарварони ду кишвар иштирок доштанд ва аз рӯйи пайкараи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ парда бардоштанд. Чун рамзи эҳтиром ба пояи ин ҳайкал, ки ифодакунандаи дӯстии абадии ду халқи бо ҳам дӯст мебошад, сабади гул мегузорем ва ба ТВ “Душанбе” меравем.

Аввал, меҳмонон бо таҷҳизоти студияи сайёри ТВ “Душанбе”, ки дар Осиёи Марказӣ назир надорад, ошно шуданд. Директори муассиса Маъруфҷон Оқилов зарфиятҳои студияи сайёри телевизиониро шарҳ дода, таъкид дошт, ки мутахассисони тоҷик имкон доранд, дар чорабиниҳои бузурги дигар кишварҳо, аз ҷумла Ӯзбекистон, иштирок намоянд ва онҳоро дар сатҳи олӣ ба навор гиранд.

Аз шаҳомати студияи сайёри телевизионӣ ҳанӯз ба худ наомада, меҳмонон худро дар муъҷизаи дигари Душанбешаҳр – Кохи “Наврӯз” дармеёбанд. Ҳашамат, зебоӣ, ҳунари воло ва истеъдоди фавқулодаи меъморӣ забонро лол месозад. Чашм мебинаду бовар намекунад, ки ин ҳама маҳсули дастранҷи инсон аст. Толорҳои мунаққаши “Дидор”, “Гулистон”, “Аржанг”, “Зарандуд” бозгӯкунандаи ҳунари волои тоҷикони соҳибҳунар ва дорои таъриху фарҳанги куҳанбунёданд. Андешаҳои меҳмонони мафтуни тамошоро мешунавем.

Абдурасул Ҷумъақулов, муҳаррири нашрияи “Ҳуррият”: “То кунун маҷмааи меъморииеро бо чунин шаҳомат надида будам. Нақшҳои дар девору толорҳо истифодашуда баёнгари ҳунару маҳорати олии мардуми тоҷиканд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тоҷикон аз қадимулайём ҳунарманду фарҳангсолоранд”.

Шерпӯлод Вакилов, муҳаррири нашрияи “Овози тоҷик”: “Таърифу тавсифи Кохи “Наврӯз”-ро шунидаву хондаем, аммо то ҳол надида будем. Ба туфайли мусоидати Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ин сафар имконпазир шуд ва мо ба тамошои ин муъҷизаи санъати меъмории тоҷик муваффақ шудем. Дидему бовар ҳосил кардем, ки беҳуда он ба феҳристи “8 муъҷизаи Созмони ҳамкории Шанхай” дохил нашудааст. Он, воқеан, муъҷизаи ҳаштуми олам аст”.

Баҳодур Раҳмонов, муҳаррири нашрияи “Овози Самарқанд”: “Кохи “Наврӯз”, бидуни тардид, ганҷина ё худ осорхонаи таърих, тамаддун, фарҳанг ва ҳунарҳои мардумии халқи тоҷик мебошад”.

Достон Исмоилов, хабарнигори шабакаи телевизионии “Ёшлар”: “Маро толори “Гулистон” мафтун кард. Ин ҷо ҳунари устои исфарагӣ Усто Бурҳон ва шогирдонаш сазовори таҳсину офаринҳост. Ҳамаи толор чӯбкорӣ шудаву касро ба дунёи пурафсонаи ҳунари воло мебарад. Таассуроти олӣ ва аз тафсираш забон лол мемонад”.

Аз Кохи “Наврӯз” меҳмононро ба тамошои Маҷмааи «Истиқлол», мебарем, ки рамзи мустақилияти Тоҷикистон аст. Ошноӣ бо осорхонаи он баёнгари фарҳангу таърихи миллати бостонии мост.

Дар ошёнаи 14-ум меҳмонон манзараҳои чор тарафи Душанберо аксбардорӣ мекунанд, бо дурбин онҳоро назора ва барои нашрия ва шабакаҳои телевизионии худ мавод омода менамоянд.

Пас аз Маҷмааи «Истиқлол» меҳмононро саёҳати шабонаи пойтахти Тоҷикистон дар автобуси дуошёна интизор аст.

– Манзараҳои шабонаи Душанбе низ, дилкашу назаррабоянд,– мегӯяд Андрей Тешаев ва меафзояд, – хуш ба ҳоли шумо, ки чунин шаҳри зебо, тозаву озода ва мутараққӣ доред.

### РӮЗИ ЧОРУМ. САРБАНДИ БАЛАНД ВА БОЗДИД АЗ ХУРРАМШАҲР

15 октябр меҳмонон ба шаҳри Норак сафар карданд. Раҳораҳ сохтмонҳои нав, роҳҳои обод, нақбҳои замонавӣ ва мусоид онҳоро ба ҳайрат меовард.

– Ҳамаи ин самараи Истиқлоли давлатист, ки бо роҳбарии Президент Эмомалӣ Раҳмон мардуми тоҷик шарафёб шудаанд,– мегӯяд ҳамоҳангсози барномаҳои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Наргис Муқимзода ва меафзояд: – Яке аз ҳадафҳои олии Ватани мо таъмини амнияти энергетикист ва бо сохтмони неругоҳҳои “Сангтӯда – 1” ва “Сангтӯда – 2”, “Роғун” ва тармими неругоҳҳои мавҷуда, аз ҷумла НБО “Норак”, ки имрӯз аз он дидан мекунем, мо тавонистем буҳрони энергетикиро бартараф созем.

– Ман дар бораи обанбори Норак матолиби зиёде хондаам,– ба суҳбат ҳамроҳ мешавад Олимҷон Ӯсаров – аммо онро бори аввал мебинам. Мегӯянд, ки сарбанди 300 - метра дораду обанбораш басо зебост.

Дар маркази шаҳри Норак меҳмононро масъулони шаҳр бо нону асал ва барномаи театрикунондашуда пешвоз мегиранд. Аввал, аз осорхонаи шаҳрӣ боздид мекунем. Аз як деҳаи хурд ба шарофати сохтмони Неругоҳи барқи обии “Норак” шаҳри муосире ба вуҷуд омад. Бунёди неругоҳ сохтмони зарбдор эълон шуд ва дар он намояндагони тамоми ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ низ иштирок доштанд. Аммо “Роғун”-ро худи Тоҷикистон месозад.

– Ҳамин тавр, не? – мегӯяд Ҳамза Ҷумъаев ва меафзояд: – Агар НБО “Норак”-ро тамоми собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сохта бошад, имрӯз эъмори НБО “Роғун” бузургтарин дастоварди истиқлоли Тоҷикистон аст.

Ҳамагон дар канори рамзи сохтмони Неругоҳи “Норак” акс мегирем ва сипас, ба тамошои сарбанди он меравем. Сармуҳандиси Неругоҳ Маҳмадамин Маҳмадсаидзода аз таърихи бунёди сарбанд ва сифати корҳо сухан мекунад, ҳозирон ӯро саволборон мекунанд.

– Бо сарбанди 300-метрааш НБО “Норак” ифтихори Тоҷикистони соҳибистиқлол аст,– мегӯяд Муҳаммадсаидзода. – Дар баробари ин, “Норак” мактаби тарбияи кадрҳои соҳаи энергетика буда, имрӯз шогирдони ин мактаб дар НБО “Роғун” ва дигар сохтмонҳои бузурги ҷумҳурӣ фаъолият доранд. Тамошои сарбанди нодиру обанбори зебои Норак хастагии роҳро мебарорад ва дар идома меҳмонон бо фаъолияти Неругоҳи «Норак» ошно мешаванд.

Баъд аз тановули ғизо роҳ пеш мегирем ба ноҳияи Данғара. Дар маркази ноҳия боз ҳам мутантану шоиста пешвозамон мегиранд. Бо роҳнамоии муовини раиси ноҳияи Данғара Садриддин Сайдализода роҳсипор мешавем ба корхонаи “Чжунтай-Данғара Син Силу Текстил”, ба маконе, ки дар он аз истеҳсоли ашёи хом то матои тайёр ба роҳ монда шудааст. Меҳмононро ин тарзи кор ба ҳайрат меорад, тасанно мехонанд ва бо кормандону мутахассисони ин коргоҳ суҳбати ширин мекунанд.

Дар идомаи сафар ба мактабе меравем, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намудааст. Ин ҷо акнун осорхонаест, ки китоби зиндаи таърихро мемонад. Баробари вуруд ба муассисаи таълимӣ, меҳмонон мутаҳайййир мегарданд: ин ҷо мактаб аст ё боғи ботаникӣ? Зеро дарахтони сояафкану мевадор, гулу гулбуттаҳои сабзу хуррам бӯйи муаттари гулу сунбулро ба машом меоранд. Ҳамаи ин натиҷаи заҳмати омӯзгоронамон аст, ки аз ҳар қитъаи замин самаранок истифода мебаранд. Дар осорхона матолиби хеле нодир, аксҳои ҷолиби таърихӣ зиндагиномаи Пешвои миллатро бароямон бозгӯ месозанд ва, инак, синфхонае, ки он ҷо Эмомалӣ Раҳмон пушти партаи мактабӣ дарс хондааст. Бо навбат меҳмонон пушти ин парта мешинанду барои хотира акс мебардоранд, дар китоби хотираи осорхона андешаҳояшонро сабт мекунанд. Боздид аз қасри фарҳанги ноҳияи Данғара, ки муҳташам ва хеле бузург аст, меҳмононро ба ваҷд меорад.

– Чӣ хуш, ки дар ноҳияҳои Тоҷикистон чунин қасрҳо бунёд шудаанд,– мегӯяд Баҳодур Раҳмонов, муҳаррири нашрияи “Овози Самарқанд”.

Дар толори қаср ба меҳмонон барномаи фарҳангӣ ва видеоклипҳо пешниҳод мегардад. Меҳмонон мафтуни зебоии қасру ороиши аҷиби он мешаванд. Аз қасри фарҳанг ба чойхонаи машҳури Хуррамшаҳр меравем ва идомаи ҳунари олии аҷдодонро дар ороиши ин чойхонаи миллӣ идрок мекунем. Бо ин ҳама таассуроти наҷибу дилпазир аз Данғара ба Душанбе бармегардем. Рӯзи чоруми сафар паси сар мешавад. Сафари Панҷакенти бостонӣ дар пеш аст.

### РӮЗИ ПАНҶУМ. “ҲАҶҶИ ХУРД” ВА БОЗДИД АЗ САРАЗМИ БОСТОНӢ

16 октябр рӯзи охирини сафари меҳмонон аст. Субҳи барвақт аз меҳмонхонаи “Ҳилтон”-и Душанбе онҳоро ба шаҳри бостонии Панҷакент гусел мекунем. Дар деҳаи Рукнободи деҳоти Вору меҳмононро бо карнаю сурнай истиқбол мекунанд ва роҳ пеш мегирем ба мақбараи асосгузори адабиёти форсу тоҷик устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Дар Панҷрӯд, нахуст, мақбараи падари шеъри тоҷикро зиёрат мекунем. Сипас, бо осорхонаи он ошно мешавем. Роҳбалад аз ҷустуҷӯ ва бозёфтҳои илмии профессор Герасимов нақл мекунад, аз нақши бузурги устод Садриддин Айнӣ дар ин бобат ёдовар мешавад ва барои меҳмонон маълумоти кофӣ медиҳад. Раҳимҷон Султонов мегӯяд:

– Мо, хушбахтем, ки мақбараи устод Рӯдакиро зиёрат кардем. Ин баробар бо ҳаҷҷи сағир аст. Чӣ қадар зиёд хонда будем дар бораи устод Рӯдакӣ ва эҷодиёташ. Имрӯз бо зиёрати мақбарааш ва боздид аз ватану суҳбат бо ҳамдиёронаш бори дигар ба бузургии ин шоири номдору сардафтари адабиёти классикии тоҷикон эътимод ҳосил кардем.

Аз Панҷрӯд меравем ба шаҳри бостонии Саразм. Ин шаҳри беш аз 5500-сола, ки ба номгӯйи мероси фарҳангии ЮНЕСКО дохил аст, меҳмононро ба умқи таърих мебарад. Бостоншинос Абдурауф Раззоқов ковишҳои археологиро шарҳу тавзеҳ медиҳад ва осори ниёгонро бозгӯ мекунад. Меҳмононро маданияти қадимаи шаҳрсозиву шаҳрдории тоҷикон ба худ ҷалб месозад. Онҳо бо маълумоти фаровон ва иттилооти дақиқи таърихӣ сафари худро ҷамъбаст мекунанд.

### БА ҶОЙИ ХУЛОСА

Панҷ рӯзи сафари ҳайати журналистони Ӯзбекистон, ки бо ташаббуси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуд, сипарӣ гардид. Дар гузаргоҳи сарҳадии Саразм аз меҳмонон хоҳиш кардем, ки таассуроташонро дар бораи Тоҷикистон дар як ҷумла изҳор кунанд. Чунин ҷавоб гирифтем: “Роҳе, ки дар 25 сол гузашта наметавонистем, дар 25 дақиқа гузаштем, ки ин аз иқдоми сутудании ду Сарвари бузурги кишварҳоямон далолат мекунад.

Муҳаббату эҳтироми самимии мардуми Тоҷикистон нисбат ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар қадам эҳсос мешавад.

Тоҷикистон, хусусан шаҳри Душанберо, ниҳоят зебову обод дарёфтем, ташаккур ба Иттифоқи журналистони Тоҷикистон барои ин сафари хотирмон.

Тоҷикистон биҳиштест, ки дар он одамони дилсофу меҳрубон зиндагӣ доранд.

Панҷ рӯзи фаромӯшнашавандаву гуворо, мулоқотҳои самимӣ бо ҳампешагон ва лаҳзаҳои саршор аз шодиву тараб, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро бароямон муаррифӣ карданд.

Як пораи қалбамонро ин ҷо мегузорему меравем, аллакай, пазмони Тоҷикистону сокинонаш гардидаем.

Дар баробари тамошои манзараҳои нотакрори кишварамон, мо бо ҳампешагони тоҷикистонӣ ба хулосае расидем, ки шумораҳои якҷояи нашрияҳоро ба табъ расонем, табодули таҷриба намоем ва барои фаъолияти оянда тарҳҳои навро роҳандозӣ кунем.

Мо “Хайр, Тоҷикистон!” намегӯем, мо бо умед: “То дидори дигар, дӯстон!” мегӯем».

Панҷ рӯзи тирамоҳи соли 2022 сафои баҳорро дошту насими дӯстиро таблиғ менамуд. Дӯстиеро, ки асрҳо идома дорад ва оянда низ бо тарҳҳои нав ва бо шеваи гуногун дар фаъолияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон инъикос меёбад.

**Зинатуллоҳ ИСМОИЛЗОДА,**
**раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон.**

***(Бознашр аз шумора 3 ноябри соли 2022-юми рӯзномаи «Ҷумҳурият»)***


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1125. Адади нашр 4694 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

ISSN 2010-7757

1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.00



**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.